THE WORLD BANK

UNDP

*Empowered lives.*
*Resilient nations.*

# ҲИСОБОТИ МУХТАССАР

## ОИДИ АРЗЁБИИ ИҚТИДОР ВА БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪЛУМОТНОКӢ ОИДИ МУТОБИҚШАВӢ ВА ТАЪҒИРЁБИИ ИҚЛИМ ДАР ТОҶИКИСТОН



**Компонентҳои А1 ва А3-и**
**Марҳилаи 1**
**Барномаи Таҷрибавӣ оиди**
**Устувории Иқлим дар Тоҷикистон**

Ҳисоботи мазкур маълумоти умумиро оиди фаъолиятҳои арзёбии иктидор ва баланд бардоштани маълумотнокӣ оиди мутобиқшавӣ ва таъғирёбии иқлим дар Тоҷикистон дар бар мегирад ва ҳамчунин ҷамъбасти дастовардҳою тавсияҳои асосӣ оиди масъалаҳои мазкур мебошад. Барои маълумоти муфассал лутфан ба нусхаи пурраи ҳисоботҳо муроҷиат намоед, ки оиди Компонентҳои А1 ва А3-и Марҳилаи 1-уми Барномаи Таҷрибавӣ оиди Устувории Иқлим (БТУИ) дар Тоҷикистон таҳия гардиданд.

Нуқтаҳои назари дар ҳуҷҷати мазкур даркгардида моликияти муаалифи ҳуҷҷат буда, на ҳатман фикру ақоиди ташкилотҳои ҳамкор ва давлатро инъикос мекунанд.

*Муаллифон ва саҳмгузорон:* Сюзан Легро, М. Бобоҷонова, Л. Бизикова,Ю Скочилов, Ш Стивенсон, Н. Мустаева

*Тарҳ:* Парвин Аминҷанов

*Сурати* муқова: Михаил Романюк

*Суратҳои саҳифаҳои дохили ҳисобот:* СММ Тоҷикистон

@UNDP Tajikistan 2012

THE WORLD BANK

Empowered lives.
Resilient nations.

# ҲИСОБОТИ МУХТАССАР

## ОИДИ АРЗЁБИИ ИҚТИДОР ВА БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪЛУМОТНОКӢ ОИДИ МУТОБИҚШАВӢ ВА ТАЪҒИРЁБИИ ИҚЛИМ ДАР ТОҶИКИСТОН

**Компонентҳои А1 ва А3-и Марҳилаи 1**
**Барномаи Таҷрибавӣ оиди Устувории Иқлим дар Тоҷикистон**

# ПЕШГУФТОР

*Барои мамлакатҳои зиёд таъсироти манфии таъғиёбии иқлим дар оянда яке аз масъалаҳои ташвишовар мебошад. Дар Тоҷикистон ин таъсирот ҳақиқати воқеии рузмарра мебошад, махсусан барои камбизоатон ва гурӯҳҳои ҳассос. Чӣ тавре, ки дар ҳисоботи Рушди Инсонии Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттаҳидро БРСММ оиди 'Иқлим дар Ҷаҳони Мутағайир қайд гардидааст:*

*'…мо бояд масъалаи мубориза бар зидди камбизоатӣ ва мубориза бар зидди таъсироти манфии таъғирёбии иқлимро дар алоқаманди бо ҳамдигар дида бароем. Кушишҳо барои ҳалли ҳар ду масъала бояд ҳамдигарро тақвият бахшанд ва дар ҳар ду самт бояд дар якҷоягӣ муваффақият ба даст оварда шавад. (БРСММ 2008)*

*Барномаи Таҷрибави оиди Устувории Иқлим (БТУИ) нишон медиҳад, ки барои ҳалли ин ду масоил кадом қадамҳои муҳим пеш гузошта шудаанд.*

*Бо вуҷуди ин ҳисобот оиди 'Иқлим дар Ҷахони Мутағайир' маълум намудааст, ки '…барои махдуд намудани андозаи таъғирёбии иқлим дар оянда ва барои дастгирӣ намудани ниёзмандон бешубҳа муайян намудани моҳияти тартиботҳоро, ки дар ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ кӯмакрасон хоханд буд, зарур аст. ' (БРСММ 2008: 3).*

*Ин вазифа ҳадафи арзёбии пешакӣ оиди Мутобиқгардонии Таъғирёбии Иқлим мебошад.*

*Гузарондани арзёбии мазкур бе кӯмак ва саҳми мардуми Тоҷикистон ғайримкон буд. БРСММ махсусан ба 30 ташкилотҳои давлатию маориф ва 30 ташкилотҳои ғайрдавлатӣ барои кушишҳояшон дар рафти арзёбии институтсионалӣ ва ҷамъоварии ахборот изҳори миннатдорӣ менамояд. Ин дастгирӣ дар сартосари кишвар назаррас буд ва дар чор минтақа намояндагони ҳукумати минтақавӣ ва ташкилотҳои маҳаллӣ саҳми арзандаро дар вазъи мутобиқгардонии таъғирёбии кунунии иқлим дар ҷамоатҳои кишвар гузоштанд. Бе ин кӯмак ва ҷаҳду талош арзёбии мазкур қобили таъмин намудани чунин тавсияҳои боэътимод барои раванди мудавоми Барномаи Таҷрибавии Устувории Иқлим намебуд.*

*Аз фурсати муносиб истифода бурда, БРСММ ҳамчунин ба тамоми шарикон, Бонки Рушди Осиё, Бонки Аврупоӣ барои Азнавбарқароркунӣ ва Рушд, Котиботи Барномаи Таҷрибавии Устувории Иқлим, Нуқтахои Марказии Барномаи Таҷрибавии Устувории Иқлим ва Бонки Умумиҷахонӣ барои маблаггузорӣ, иштирок ва изҳори назарашон миннатдории самимӣ баён менамояд.*

*Нашриёти арзёбии мазкур нуқтаи огози сафари муҳим мебошад. Умед аст, ки ин дастовардҳо ва тавсияҳо дар ҳал намудани мушкилоти мутобиқгардонии ба таъғироти иқлим дар Тоҷикистон кӯмак хоҳанд расонд ва ин кор тарзе ба роҳ монда хоҳад шуд, ки дар рушди иқтисодию иҷтимоӣ низ кӯмак расонда шавад. Ҳамчунин БРСММ бо истифода аз фурсати муносиб изҳор менамояд, ки кӯмаки доимии хешро дар раванди амалигардонии Барномаи Таҷрибавии Устувории Иқлим дареғ нахоҳад дошт ва ба ҳамаи ҷонибҳои дахлдор дар амалигардонии Марҳилаи – 2 ввум ҳамкориҳои самаранок, пешрафти бунёдкорона ва ба даст овардани натиҷаҳои устуворро орзу менамояд.*

*Норимаса Шимомура*
*Роҳбари Намояндагии БРСММ дар Тоҷикистон*

## МУНДАРИЧА


ДОИРАИ ФАЪОЛИЯТ 6

ГУРӮҲИ АРЗЁБИИ А1 / А3 7

ЧОРАБИНИҲО ВА ШИРКАТ 8

БАРНОМАИ СТРАТЕГИ ОИДИ УСТУВОРИИ ИҚЛИМ 10

ОМОДАГИҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИ ВА ИҚТИДОР 11

БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪЛУМОТНОКИ ВА ТАЪМИНКУНАНДАГОНИ ХИЗМАТРАСОНИҲО 18

МОДУЛҲО БАРОИ ОМУЗИШ ОИДИ ТАҒИРЁБИИ ИҚЛИМ 22

СЕМИНАРҲО ОИДИ УСУЛИ ИШТИРОКИ ЯКҶОЯ 24

ДАСТУРА (РОҲНАМО) 27


## ҶАДВАЛҲО


Ҷадвали 1: Гуруҳи Арзёби 7

Ҷадвали 2: Фаъолиятҳо аз руи Компонентҳои А1 ва А3 8

Ҷадвали 3: Вазоратҳои давлати ва ташкилотҳое, ки дар арзёби иштирок намуданд 8

Ҷадвали 4: Ташкилотҳои Ғайридавлати, ки дар арзёби иштирок намуданд 9

Ҷадвали 5: Таҳлили Камбудиҳо аз тариқи дараҷаи иқтидор дар сатҳи милли 11

Ҷадвали 6: Таҳлили Камбудиҳо аз тариқи дараҷаи иқтидор дар сатҳи ноҳиявӣ ва маҳаллӣ 12

Ҷадвали 7: Таҳлили Камбудиҳо аз тариқи дараҷаи иқтидор дар бахшҳо 12

Ҷадвали 8: Таҳлили вазъи конунгузории мавчуда оиди Таъғирёбии Иқлим 13

Ҷадвали 9: Тавсияҳо оиди бунёди иқтидор 15

Ҷадвали 10: Тавсияхои институтсионалӣ оиди бунёди иқтидор 16

Ҷадвали 11: Маълумоти аввала дар бораи чорабиниҳои чамъияти оид ба Таъғирёбии Иқлим 18

Ҷадвали 12: Маълумот дар бораи чорабиниҳо оиди Таъғирёбии Иқлим 19

Ҷадвали 13: Тавсияҳо оиди фаъолиятҳои баланд бардоштани маълумот барои Марҳилаи 2 21

Ҷадвали 14: Таҷрибаҳои андухта ва Мулоҳизаҳо аз Модулҳои Таъғирёбии Иқлим 23

Ҷадвали 15: Масъалаҳои таъғирёбии иқлим ва маҳдудиятҳо дар мутобиқгардонии таъғирёбии иқлим 25

Ҷадвали 16: Мулоҳизаҳо ва тавсияхо аз семинарҳои барои УИЯ Марҳилаи 2 25

# 1. ДОИРАИ ФАЪОЛИЯТ

Тоҷикистон яке аз 11 кишвар ё манотиқест, ки барои маблағгузории Барномаи Таҷрибавии Устувории Иқлим (БТУИ) аз ҷониби Фонди Маблағгузории умумиҷаҳонии Иқлим интихоб гардидааст. Барои шаш компонент ё қисматҳои алоҳидаи мутобиқгардонии таъғирёбии иқлим, ки тавассути Барномаи Стратегии Устувории Иқлим (БСУИ) дар Тоҷикистон муайян гардида шуданд, ба миқдори 47.75 миллион доллар маблағ ҷудо гардида шудааст. Ин компонентҳо ба ду марҳилаи алоҳида ҷудо гардиданд; Марҳилаи 1-уми раванди БТУИ арзёбии пешакии вазъияти мавҷудаи мутобиқгардонии таъғирёбии иқлим дар кишвар мебошад ва дар ин марҳила барои стратегияҳои амалигардонӣ тавсияҳо ва дастурҳо фароҳам оварда шуданд; Марҳилаи 2 марҳилаи амалигардонӣ мебошад. Ҳадафҳои асосии БСУИ:

- Баланд бардоштани иқтидори ҳукумати Тоҷикистон ва дигар фаъолияткунандагон дар алоқамандӣ додани масъалаи устувории иқлим бо нақшаҳои рушд, барномаҳо ва тартиботҳо.
- Баланд бардоштани иқтидори ҳукумати Тоҷикистон дар гузаштан аз муносибати мутаасири донор-асос ба муносибати фаъоли кишвар-асос ва ташкил додани шароитҳо барои идораи мутобиқгардонии таъғирёбии иқлим дар Тоҷикистон.
- Ташкил додани базаи мукаммали ахборотӣ оиди хавфи таъғирёбии иқлим ва баланд бардоштани дониши шариконӣ гуногун оиди таъғирёбии иқлим
- Беҳтар гардондани ҳамоҳангсозии фаъолиятҳо оиди таъғирёбии иқлим аз ҷониби ҳукумати Тоҷикистон, ташкилотҳои байналхалқӣ, БЧР-ҳо ва ТҒД-ҳо дар дохили Тоҷикистон.
- Баланд бардоштани қобилияти шарикони Тоҷикистон дар васеъгардонии доира ва такроран амалӣ намудани фаъолиятҳо оиди устуворгардонии иқлим тавассути бунёди таҷрибаи амалии БТУИ оиди ворид намудани масъалаи устувории иқлим ба нақшаи рушд.

БРСММ- и Тоҷикистон бо шартномаи «Таъмини Ёрии Техникӣ оиди Арзёбииқтидорва Баланд Бардоштани Малумотнокӣ оиди Таъғирёбии Иқлим дар Тоҷикистон» мукофотонида шуда буд, ки он Марҳилаи 1 –и арзёбии компонентҳои А1 ва А3-ро дар бар гирифта буд. Натиҷаҳо ва дастовардҳои чашмдошт, тавре ки дар БСУИ қайд гардидааст, инҳоянд:

### КОМПОНЕНТИ А1:

*Самараҳо:* Арзёбии иқтидори ташкилотӣ, техникӣ ва инсонии ҳукумати Тоҷикистон дар сатҳи миллиӣ ва маҳалӣ барои ворид намудани масъалаи азназаргузаронии таъғирёбии иқлим ба тартибот (полиси) ва махсусан мавриди таваҷҷӯҳ қарор додани талабот барои минбаъд пеш бурдани БСУИ.
*Натиҷаҳо:* Дарки баланди фаъолиятҳои мавҷуда барои омодагӣ ба мутобиқгардонии иқлим ва пешбурди фаъолиятҳо, ки дар натиҷаи БСУИ ба роҳ монда мешаванд. Ҳамчунин таҳияи нақшаи фаъолиятҳо барои мустаҳкам намудани қобилияти Ҳукумат дар ворид намудани таъсироти имконпазири таъғирёбии иқлим ба тартиботҳо (полисиҳо) ва барномаҳои миллии оянда.

### КОМПОНЕНТИ А3:

*Самараҳо:* Гузарондани чорабиниҳои аввалин барои баланд бардоштани маълумотнокии бароварандагони тартибот ва дигар шарикон оиди таъсироти таъғирёбии иқлим, хатарнокӣ ва тарзи мутобиқсозии он. Ҳамчунин баргузор намудани омузишҳо барои тренерон бо мақсади ба роҳ мондани фаъолиятҳои баландбардории маълумотнокӣ дар оянда.
*Натиҷаҳо:* Дарки пурраи ҳассосияти муҳит дар Тоҷикистон ва устувории нақшаҳои рушди миллӣ ва маҳалӣ ва фаъолиятҳои БТУИ. Иқтидори баланди амалигардонии таъсирот дар сатҳи байналмиллалӣ ва оқилона истифода бурдани захираҳои молиявӣ.

# 2. ГУРӮҲИ АРЗЁБИИ А1 ВА А3

*Гурӯхи арзёбӣ*

| Роҳбарияти Барнома | Ташкилот | Мақом |
|---|---|---|
| Сухроб Хошмуҳамедов | БРСММ | Ҳамохангсози барномаҳо |
| Хонум Наиля Мустаева | БРСММ | Ҳамохангсози лоиҳа |
| Хонум Райҳон Ҷонобекова | БРСММ | Роҳбари Коммуникатсионӣ |
| Компоненти А1 | | |
| Хонум Сюзан Легро | ECO Лтд. | Мушовири Байналхалқӣ |
| Хонум Малика Бобоҷонова | Маркази Минтақави оиди Муҳити Осиёи Марказӣ | Директор |
| Компоненти А3 | | |
| Др. Ливия Бизикова | Институти Байналмилалӣ оиди Рушди Устувор | Мушовири Байналхалқ |
| Юрий Скочилов | Маркази Экологии Ҷавонон | Директор |
| Ҷаноби Бегмурод Маҳмадалиев | Хазинаи Байналхалқии Наҷоти Арал. Намояндаги дар Тоҷикистон | Директор |
| Ҷаноби Анвар Ҳомидов | Кумитаи Ҳифзи Муҳит | Мутахассис |
| Др. Зайниддин Мусоев | Донишкадаи Омӯзгорӣ | Яхшинос |
| Др. Холназар Муҳаббатов | Академияи Улум | Географ |
| Ҷаноби Бахтиёр Раҳимов | Маркази Экологии Ҷавонон | Тренер |
| Арзёбии Мархилавӣ/ Ниҳои | | |

Арзёбӣ дар моҳи Июни соли 2011 оғоз гардид ва дар моҳи Марти соли 2012 анҷом пазируфт. Мувофиқи шарти фаъолиятҳои–и БРСММ Тоҷикистон Марҳилаи 1-и арзёбии фаъолиятҳои А1 ва А3 ба 4 қисм тақсим гардид:

Қисми 1: Ҷамъбасти омодагии институтсионалӣ ва эҳтиёҷоти бунёди иқтидор барои таъғирёбии иқлим

Қисми 2: Санҷиши ташаббусҳои мавҷудаи баланд бардоштани маълумотнокии таъминкунандагони хизматрасониҳо.

Қисми 3: Тайёрӣ ва дастрасгардонии силсилаи модулҳо оиди таъғирёбии иқлим барои шарикон.

Қисми 4: Ҳамоҳангсозӣ ва амалигардонии семинарҳои миллӣ ва маҳаллӣ оиди масъалаҳои таъғирёбии иқлим.

Иловагӣ: Арзёбии марҳилавӣ ва ниҳоии фаъолиятҳои Марҳилаи 1- ум.

Ҳисоботҳои алоҳидаи ниҳоӣ оиди дастовардҳо ва тавсияҳо барои ҳар 4 қисм таҳия гардиданд. (Ин ҳисоботҳоро метавон дар www.ppcr.tj дастрас намуд). Ҳисоботҳои мазкур барои Ҳукумати Тоҷикистон ва шарикони асосӣ 25 уми Январи соли 2012 дар Семинари Миллӣ пешниҳод гардиданд; мулоҳизаҳо ва тавсияҳо ҷамъ карда шуданд ва дар асоси онҳо нусхаҳои пурра таҳия гардиданд ва дар моҳи Марти соли 2012 нашр гардиданд.




Расмҳо: 1.Юрий Скочилов 2. Др. Зайниддин Мусоев

Ҳисоботи ғайритехникии мазкур фақат маълумоти мухтассарро оиди фаъолиятҳо, дастовардҳо ва тавсияҳо аз ҳамаи нусхаҳои пурраи ҳисоботҳо дар бар мегирад. Барои маълумоти муфассал нусхаи пурраи ҳисоботҳои асосиро дида бароед.

# 3. ЧОРАБИНИҲО ВА ИШТИРОК

*Ҷадвали 2: Чорабиниҳои Компонентҳои А1 ва А3 (*УИЯ)*

| Чорабинӣ | Минтақа | Таърих | Миқдори иштирокчиён |
|---|---|---|---|
| Семинари нахустин | Hyatt – Душанбе | 9 Июн 2011 | 46 |
| Омӯзиш барои Устодон (*УИЯ) | БРСММ – Душанбе | 4 ва 5 Октябр 2011 | 35 |
| Семинари  Усули Иштироки Якҷоя | Хатлон-Қурғонтеппа | 14 Октябр 2011 | 26 |
| Семинари Усули Иштироки Якҷоя | Суғд-Хуҷанд | 18 Октябр 2011 | 20 |
| Семинари  Усули Иштироки Якҷоя | ВМКБ-Хоруғ | 8 Октябр 2011 | 24 |
| Семинари  Усули Иштироки Якҷоя | Ваҳдат | 22 Октябр 2011 | 25 |
| Тағйирёбии Иқлим–Воситаи Ахборот СЗ | Марк.Обу Ҳавосанҷӣ- Душанбе | 16 Ноябр 2011 | 32 |
| Тағйирёбии Иқлим – семинарҳои занон | Марк.Обу Ҳавосанҷӣ- Душанбе | 17 Ноябр 2011 | 31 |
| Тағйирёбии Иқлим – Камбизоатӣ | Марк.Обу Ҳавосанҷӣ- Душанбе | 18 Ноябр 2011 | 19 |
| Тағйирёбии Иқлим – Тартиботи Ҳукумат  СЗ | Марк.Обу Ҳавосанҷӣ- Душанбе | 22 Ноябр 2011 | 26 |
| Тағйирёбии Иқлим – Банақшагирии Минтақавӣ | Марк.Обу Ҳавосанҷӣ- Душанбе | 24 Ноябр 2011 | 24 |
| Семинари Ниҳоии Шарикон | Серена – Душанбе | 25 Январ 2012 | 62 |

*Ҷадвали 3: Вазоратҳои Ҳукумат ва ташкилотҳое, ки дар арзёбӣ иштирок намудаанд.*

| Муассисаи давлатӣ | Муассисаи давлатӣ | Муассисаи давлатӣ |
|---|---|---|
| Парламенти ҶТ | Вазорати Молия | Донишгоҳи Давлатии Хоруғ |
| Ҳукумати ҶТ | Вазорати Рушди Иқтисод ва Савдо | Маркази Тадқиқоти Стратегӣ |
| Намояндагони Маҳаллӣ | Академияи Улум | Иттиҳоди Занони Тоҷик |
| Марк. Обу Ҳавосанҷӣ | Институти Омӯзишии пас аз хатми донишгоҳ барои Маълумоти Давомнок | Роҳбарони Ҷамоатҳо |
| Вазорати Кишоварзӣ | Академияи Илмҳои Кишоварзии Тоҷик | Шӯъбаи Сохтмони ВМКБ |
| Вазорати Рушди Иктисод ва Савдо | Кумитаи Вазъияҳои Фавқуллода | Ташкилоти захираи обӣ водии Фарғона |
| Вазорати Энергетика ва Саноат | Кумитаи Ҳифзи Муҳит | Донишгоҳи Кишоварзии Тоҷик |
| Вазорати Тандурустӣ | Донишгоҳи Техникии Тоҷик | Кумитаи Замин |
| Вазорати Маориф | Донишгоҳи Давлатии Миллии Тоҷик | Гимназияи «Сафина» дар минтақаи Суғд |
| Вазорати Меҳнат ва Ҳифзи Иҷтимоӣ | Донишгоҳи Қурғонтеппа | Шӯъбаи Ҷамъиятии Ваҳдат |
| Вазорати Захираҳои Об ва Замин | Институти Тадқиқотии Коркарди Тухмӣ | Шӯъбаи Назорати Давлатӣ дар Ваҳдат |
| Кумитаи Давлатии Зан ва Оила | Шӯъбаи Нақлиёти Қурғонтеппа | Донишгоҳи Давлатии Хуҷанд |
| Кумитаи Давлатии Зан ва Оила | Шӯъбаи Нақлиёти Қурғонтеппа | Донишгоҳи Давлатии Хуҷанд |

*Ҷадвали 4: Ташкилотҳои Ғайрдавлатӣ, ки дар арзёбӣ иштирок намуданд*

| Ташкилот | Ташкилот | Ташкилот |
|---|---|---|
| CAREC (ТҒД) | ТҒД “Умеди Нек” | Welt Hunger Hilfe |
| Маркази Экологии Ҷавонон (ТҒД) | ТҒД “Мизроб” | ОО “Дурандеш” |
| Замини Хурд (ТҒД) | ТҒД “Бахт” | OSCE |
| Маркази Таъғирёбии иқлим ва Хавфи Офат | Соҳибкории Хурд ва Миёна | Боғи Ботаникии Помир |
| GIZ | ОО “Зан ва Замин ” | “Назира” дар ВМКБ |
| Oxfam GB | 5 Воситаҳои Нашриёти Миллӣ | Ташкилоти FOCUS |
| ACTED | 4 стансияҳои радиои миллӣ ё маҳаллӣ | Соҳибкории “Асали Тоҷикистон” |
| РО “Азал” | Намояндагони 3 канали миллӣ | ТҒД-и “Ҷавонони Асри 21” |
| ТҒД “Клуби ТҒД-хо | Representatives from 2 online media | Aga Khan Development Network |
| оиди Экология” | Намояндагон аз ду воситаи алоқаи мустақим | Шабакаи Оғохон оид ба Рушд |
| Лагери Кӯҳистон | ОО “Гендер ва Рушд” | Ҳамкорӣ Баҳри Тараққиёт |
| ТҒД Нусфера | ОО “Олами Кӯдакон” | ТҒД “Офтоб” |
| ТҒД “Рушд” | Ташкилот оид ба Дастгирии Ташаббусҳои Шаҳрвандӣ | Ташкилоти Умумиҷаҳонии Нигаҳдории Тандурустӣ |



Расми 3: Иштирокчиёни семинарии миллӣ, Январ, 2012

# 4. БАРНОМАИ СТРАТЕГӢ ОИДИ УСТУВОРИИ ИҚЛИМ

Барномаи Стратегӣ оиди Устувории Иқлим (БСУИ) дар оғози соли 2011 нашр гардид ва он ҳамчун дастур барои раванди БТУИ дар Тоҷикистон истифода бурда мешавад. Ин ҳуҷҷати доимӣ буда, ба он тағйирот ва иловаҳо даровардан мумкин нест. Ҳамчунин ҳуҷҷати мазкур арзёбии нахустинро дар Замимаи 5 овардааст, ки он дар Марҳилаи 1- ум гузаронида шуда буд. Замимаи 5- ум дар Чорчубаи 1 ва 2 нишон дода шудааст.

**Чорчубаи№ 1: Миқдори камбудиҳои иловагӣ дар чаҳорчӯби мухтассар оиди тағйирёбии иқлим аз қабили инҳоянд:**

- Маълумоти кам дар ҳукумат, гурӯҳҳои соҳибкор ва ҷамъият оиди хавфи зараровар ва таъсироти тағйирёбии иқлим;
- Норасоии мутахассисон оиди иқлимшиносӣ ва таъсирот ба ҳукумат, академия ва сохтори маориф;
- Маълумоти кам оиди ҳассосиятҳои асосии иқтисодӣ-иҷтимоӣ, оқибатҳои таъсироти дигаргуншави ва тағйирёбии иқлим ба бахшҳои асосии иқтисод ва имкониятҳо барои чораҳои мутобиқсозии иқлим;
- Ворид нагардидани натиҷаҳои арзёбиҳо оиди тағйирёбии иқлим ва назорати хавф ба стратегияҳои рушди миллӣ ва нақшаҳои маблағгузории дар бахшҳо;
- Нагузарондани таҳлили ҳассоси гендерӣ дар натиҷаи таъсироти тағйирёбии иқлим.

Замимаи 5 –и, БСУИ низ дастурот оиди ҳадафҳо ва нишондиҳандаҳои асосӣ дода буд, ки онҳо дар Чорчубаи 2 нишон дода шудаанд.

**Чорчубаи№2: Ҳадафҳои мушаххас:**

- Гузарондани омӯзиш ва мусоидат дар ҷ алб ба чорабиниҳои миллию байналмилалӣ оиди тағйирёбии иқлим;
- Баланд бардоштани маълумотнокӣ бо фаро гирифтани миқдори мушаххаси шунавандагон, махсусан гурӯҳҳои ҳассос, аз қабили занон, ҷавонон, ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ, муассисаҳои маориф, воситаҳои ахбори умум ва омма.
- Устуворгардонии иқтидори институтсионалӣ оиди тағйирёбии иқлим ва ворид намудани масъалаи мутобиқгардонии тағгйирёбии иқлим ба тартиботи миллӣ ва маҳалӣ, стратегияҳои паст намудани сатҳи камбизоатӣ, нақшаҳои рушд ва таҳияи Стратегияи Миллии Мутобиқгардонии Тағйирёбии Иқлим, стратегияҳои бахшҳои асосӣ ва Нақшаи амалиётии намояндагони маҳаллӣ;
- Дастгирии нақшаи кории Котибот, ҳамчунин устуворгардонии ташкилотҳое, ки дар амалигардонии самараноки БТУИ ҳиссагузорӣ хоҳанд кард, ҳамоҳангсозии фаъолиятҳо, мониторинг, ҳисоботдиҳӣ ва алоқа ё коммуникатсия.

**Нишондиҳандаҳо:**

- Иқтидори институсионалӣ барои ворид намудани масъалаи хавфи тағйирёбии иқлим дар нақшаҳои рушду тартибот ва пайдо намудани роҳҳои устувори мутобиқгардонии тағйирёбии иқлим;
- Қобилияти ҳукумати Тоҷикистон барои ба кор бурдани таъсирот дар форумҳои байналхалқӣ ва истифодабарии захираҳои молиявии иловагӣ мустаҳкам гардонда шуд;
- Мукаммалгардонии омодагии институсионалӣ барои пайдо намудани роҳҳои мутобиқгардонии тағйирёбии иқлим дар сатҳи миллӣ ва маҳалӣ;
- Маълумот оиди тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои он дар Тоҷикистон байни иштирокчиёни гуногун, аз қабили гурӯҳҳоои ҳассос, занон, кӯдакон, калонсолон ва маризон баланд бардошта шуд;
- Дарки баланди оқибатҳои мушахасси гендерии тағйирёбии иқлим байни шарикон;
- Механизми ҳамоҳангсозии БТУИ, аз қабили Котибот, кумитаи байни вазоратҳо ташкил дода шуд ва фаъолият мекунад;
- Нақшаи кории Котиботи БТУИ амалӣ гардонда шуд ва мавод таҳия ва тақсим гардид;

**Асос:**

Дар мавриди ҳозира ягон механизми ҳамоҳангсозӣ барои тағйирёбии иқлим ва ягон ченаки бонизом барои чен кардани фаъолиятҳо ва нишондиҳандаҳои БТУИ вуҷуд надорад; Шинос намудани ин нишондиҳандаҳо зарурӣ дониста мешавад.

**Иштирокчиёни фарогирифташуда:**

- Намояндагони Ҳукумат, Бахшҳо, Муассисаҳо: гуфушунидкунандагон, қарорқабулкунандагон, таҳлилкунандагони тартибот, кормандони техникӣ;
- Қарорқабулкунандагони маҳаллӣ: ҷамоатҳои деҳотӣ, музофотҳо ва шаҳрҳо;
- Бахшҳои хусусӣ, соҳибкорони хурд ва миёна, муассисаҳои давлатӣ;
- Намояндагони иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои ғайрдавлатӣ;
- Гурӯҳҳои ҳассос, аз қабили занон, кӯдакон, ҷавонон, маҳалҳои дурдаст;
- Муассисаҳои таълимӣ, аз қабили мактаб ва академия.

Ҳамкории зич байни Кумитаи Миллии кор бо Занону Оила ва Котиботи БТУИ барқарор хоҳад шуд, то кушиш ба харҷ дода шавад ва нақши занон дар маблағгузорӣ ва барномаҳои рушд оиди тағйирёбии иқлим баланд бардошта шавад.

# 5. ОМОДАГИИ ИНСТИТУТСИОНАЛӢ ВА ЭҲТИЁҶОТИ БУНЁДИ ИҚТИДОР

Омодагии институтсионалӣ ва эхтиёчоти бунёди иқтидори Ҳукумати Тоҷикистон оиди масъалаҳои таъғирёбии иқлим дар сатҳҳои Миллӣ, Ноҳиявӣ, Маҳаллӣ ва бахшӣ, яъне Об, Хоҷагии Қишлоқ, Барқ ва Саломатии Инсон аз тариқи арзёбии иқтидор ва мушкилотҳои мавҷудаи Систематикӣ, Ташкилотӣ ва Фардӣ таҳлил гардиданд.. Роҳҳои ҷамъоварии ахборот аз қабили инҳоянд:

- Санҷиши хаттии мавод оиди таъғирёбии иқлим, маводи арзёбии институтсионалӣ, ахбороти мушаххас оиди кишвар ва ҳуҷҷатҳо оиди тартиботи миллӣ;
- Санҷиши хаттии ҳуҷҷатҳои барнома аз дигар компонентҳои Марҳилаи 1 –и БТУИ;
- Саҳми шарикон дар семинарҳо ва омӯзишҳои компоненти АЗ;
- Нақшбандии институсионалии ташкилотҳои дахлдор дар Тоҷикистон;
- Машварат бо шарикон дар рафти семинар оиди оғози барнома баргузор гардид;
- Мусоҳибаҳо оиди фаъолиятҳои нахустин ва эҳтиёҷоти афзалиятноки бунёди иқтидор;
- Мусоҳибаҳои алоҳида низ бо 25 шарикони хориҷӣ гузаронида шуданд;
- 4 намуди саволнома ва маълумотнома ба хизматрасонандагони давлат дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ тақсим гардиданд.

Натиҷаҳои омодагии институтсионалӣ ва эҳтиёҷоти бунёдӣ дар Ҷадвалҳои 5, 6, 7 нишон дода шудаанд.

*Ҷадвали 5: Таҳлили камбудиҳо ва норасоиҳо аз тариқи дараҷаи иқтидордар сатҳи миллӣ*

| Сатҳи Миллӣ | Таҳлили камбудиҳо ва норасоиҳо аз тариқи дараҷаи иқтидор | | |
|---|---|---|---|
| | **Мунтазам** | **Ташкилотӣ** | **Шахсӣ** |
| Тартиботҳои Рушди Миллӣ | Масъалаи таъғирёбии иқлим ба стратегияҳои рушди миллӣ ворид гардонда нашудааст. | Ҳисоботдиҳӣ оиди Таъғирёбии Иқлим дар Стратегияи Рушди Миллӣ ворид гардонда нашудааст; Масъалаҳои дахлдори Таъғирёбии Иқлимро ба пурраги аз назар гузарондан ғайримкон аст. | Қарор қабулкунандагон аз масъалаи Таъғирёбии Иқлим огоҳ нестанд ё мутобиқгардонии таъғирёбии иқлимро ҳамчун масъалаи экологӣ мешуморанд на ҳамчун масъалаи дахлдор ба рушд. |
| Тартиботҳои Рушди Иқтисодӣ ва Бахшӣ | Қонунхо дар бахшҳои ҳассос барои таъғирёбии иқлим (аз қабили хоҷагии қишлоқ, об, тандурустӣ) оиди масъали таъғирёбии иқлим ягон ишорае нест. | Вазоратҳо ва дигар муассисаҳои бахшҳои ба таъғирёбии иқлим ҳассос ваколати қонунӣ барои кор кардан аз болои мутобиқсозии таъғирёбии иқлим надоранд. | Қарорқабулкунандагон аз масъалаи Таъғирёбии Иқлим огоҳ нестанд ё мутобиқгардонии таъғирёбии иқлимро ҳамчун масъалаи экологӣ мешуморанд на ҳамчун масъалаи дахлдор ба рушд. |
| Тартиботҳои Муҳит | Нақшаи Амалиёт барои кам кардани таъғирёбии иқлим маблағгузории кам карда шудааст; барои мутобиқгардонии таъғирёбии иқлим ягон Нақшаи амалиёт тартиб дода нашудааст. | Кумитаи Ҳифзи Муҳит нисбати дигар ташкилотҳо заъифтар ва камфаъолтар аст; Дигаргункунии сохтор ва аз як вазифа ба вазифаи дигар гузаштани кормандон дар барнома боиси кам дастрас будани маълумот оиди барнома гардидааст; Тайёр намудани дархостҳо оиди буҷа, ки дар онҳо мақсадҳои дахлдор ба масъалаи рушди барномаҳо оиди муҳит нишон дода шудаанд. | Қарорқабулкунандагон ва кормандон дониши махсус барои тарҳрезӣ ва амалигардонии барномаҳои мутобиқсозии таъғирёбии иқлим надоранд |

| Сатҳи Миллӣ | Таҳлили камбудиҳо ва норасоиҳо аз тариқи дараҷаи иқтидор | | |
|---|---|---|---|
| | Мунтазам | Ташкилотӣ | Шахсӣ |
| Идоракунии Ҷамъиятӣ ё Маъмурӣ | Маоши пасти ҳукумат ҷалб намудани кормандони болаёқатро ба кор душвор менамояд;<br>Азнавбарқароркунии институтсионалӣ монеаи давомнокии кор гардида дар натиҷа маълумотҳою ҳисоботҳо гум мешаванд ва хотираи институтсионалӣ аз байн бурда мешавад.<br>Тағйирёбии Иқлим ба пуррагӣ дар мониторинг санҷида нашудааст. | Муассисаҳои ҳукуматӣ шояд оиди амалигардонии барнома ҳисобот диҳанд, аммо таҷрибаҳои андӯхтаро дар вақти тарҳрезии барнома на ҳама вақт ворид месозанд.<br>Номувофиқатӣ ва норавшанӣ байни буҷагузории муассиса ва масъалаҳои афзалиятноки тартиботҳо. | Муассисаҳои бахшӣ шояд маҳорати таҳлил намудани ахбороти ҷамъоваринамудашон надошта бошанд ва аз ин рӯ маълумотҳоро аз барномаҳо оиди мутобиқсозии иқлим истифода мебаранд. |
| ТҒД-ҳо ва Шабакаҳои ТҒД-ҳо | Норасоии дастгирии доимии ташаббусҳо боиси давомияти камбудиҳо мегардад. | Ташкилотҳо барои таъмини кормандон ва фароҳам овардани иқтидор маблағ надоранд. | Барои кормандон омӯзишҳо ва таълимот гузаронда намешавад;<br>Ташаккули иқтидор бештар дар шакли омӯзишҳои чандинкаратаи шиносоӣ аз ҷониби маблағгузорони гуногун ба роҳ монда шудааст. |

*Ҷадвали 6: Таҳлили камбудиҳо ва норасоиҳо аз тариқи сатҳи иқтидор дар сатҳҳои ноҳиявию маҳаллӣ*

| Сатҳ | Таҳлили камбудиҳо ва норасоиҳо аз тариқи дараҷаи иқтидор | | |
|---|---|---|---|
| | Мунтазам | Ташкилотӣ | Шахсӣ |
| Сатҳи Ноҳиявӣ | Тағйирёбии Иқлим ва мутобиқсозӣ бо тағйирёбии иқлим дар нақшаҳои рушди минтақавӣ қайд нагардидааст ва аз ин рӯ барои ин масъала маблағгузорӣ нашудааст ва назорат низ оиди он бурда нашудааст. | Ташкилотҳои давлатии минтақавӣ маблағ ва омӯзишҳоро ба таври кофӣ барои кормандон таъмин кардан наметавонанд.<br>Тарк гардидани ҷойҳои корӣ аз ҷониби кормандони болаёқат хеле зиёд аст, махсусан дар мавзеҳои дурдаст аз сабаби шароитҳои душвори кор ва маоши паст. | Маълумот оиди тағйирёбии иқлим минтақа ба минтақа аз ҳам хеле фарқ дорад ва ҳатто байни ноҳияҳою вилоят низ оиди ин масъала маълумотҳо фарқ доранд. |
| Сатҳи Маҳаллӣ | Тағйирёбии иқлим ва мутобиқатсозӣ дар нақшаҳои рушди миллӣ қайд нагардидаанд, аз ин рӯ барои ин масъала маблағгузорӣ нашудааст ва назорат низ оиди он бурда нашудааст. | Надоштани маълумоти кофӣ, мавод, марказҳои нашриётӣ дар сатҳи маҳаллӣ.<br>Маълумот ва таҷҳизоти ками Иттиҳодияҳои Истифодабарандагони Об барои самаранокии кор.<br>ТҒД-ҳо ва ТҶШ-ҳо маълумоти кофӣ оиди мутобиқсозии тағйирёбии иқлим ва маҳорати ба даст овардани молия барои гузарондани чорабиниҳои зарурӣ надоранд. | Масъалаҳои тағйирёбии иқлим ва мутобиқсозии тағйирёбии иқлим мафҳумҳои ношинос барои ТҒД-ҳо ва ТҶШ-ҳо мебошад, ҳатто дар мавриде, ки кори онҳо бевосита ба ин мафҳумҳо вобаста аст (яъне назорати хавфи офатҳо ва ғ.)<br>Надоштани маводи кофӣ оиди тағйирёбии иқлим ва мутобиқгардонии тағйирот дар Тоҷикистон.<br>Шахсон одатан масъалаи гуногунии иқлим ва тағйирёбии иқлимро аз ҳам фарқ намекунанд.<br>Надоштани маълумоти кофӣ оиди сабабҳои тағйирёбии иқлим. |

*Ҷадвали 7: Таҳлили камбудиҳо ва норасоиҳо аз тариқи дараҷаи иқтидордар сатҳи бахшҳо.*

| Бахш | Таҳлили камбудиҳо ва норасоиҳо аз тариқи сатҳи иқтидор | | |
|---|---|---|---|
| | **Мунтазам** | **Ташкилотӣ** | **Шахсӣ** |
| Захираҳои Об | Масъалаҳои таъғирёбии иқлим ба қонунҳо оиди истифодабарии об ворид нагардидаанд.<br>Тақсимоти ками технологияҳои захираи об | Захираҳои Обӣ | Масъалаҳои таъғирёбии иқлим ба қонунҳо оиди истифодабарии об ворид нагардидаанд.<br>Тақсимоти ками технологияҳои захираи обӣ. |
| Хоҷагии қишлоқ | Масъалаҳои таъғирёбии иқлим дар қонунгузории хоҷагии қишлоқ ворид карда нашудаанд.<br>Ислоҳоти замин боиси зиёд гардидани миқдори заминдороне гардид, ки оиди масъалаҳои мазкур маълумоти кофӣ надоранд. | Хоҷагии қишлоқ | Масъалаҳои таъғирёбии иқлим дар қонунгузории хоҷагии қишлоқ ворид карда нашудаанд.<br>Ислоҳоти замин боиси зиёд гардидани миқдори заминдороне гардид, ки оиди масъалаҳои мазкур маълумоти кофӣ надоранд. |
| Барқ | Масъалаи тағирёбии иқлим дар қоидаҳо оиди барқ ва тартиботҳо ворид карда нашудааст.<br>Захираи энергия ба таври самаранок ба роҳ монда нашудааст. | Намунаҳои баланд сифат ва дарзмуддат барои банақшагирандагони соҳаи энергетика барои истофодабарӣ дар бахши қувваи обӣ дастрас нестанд. | Шахсон одатан аз роҳҳои захираи энергия ва истифодаи захоири тамомнашаванда, ки аз захираи об вобастагӣ надоранд, огоҳ нестанд. |
| Тандурустӣ | Надоштани ваколат аз ҷониби кормандони муассисаҳои тандурустӣ барои ҳалли масъалаҳо оид ба Таъғирёбии Иқлим<br>Нагузарондани санҷиши пурраи аҳолӣ барои дастрас намудани омор оиди паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва одатӣ.<br>Надоштани системаи огоҳкунии барвақт дар мавридҳои фавқуллода, ки ба саломатии инсон хатар таҳдид менамояд (масъалан, обхезӣ ва ғ.). | Мушкилот дар нигоҳдошти кормандон дар минтақаҳо<br>Надоштани маблағгузории кофӣ барои идома додани маълумоти тиббӣ, барои лабораторияҳо ва таҷҳизотҳои омӯзишӣ. | Мутахассисони соҳаи ҳифзулсиҳат шояд омӯзиши кофӣ барои санҷиш ва таҳлили омор оиди маризию фавт надоранд.<br>Шахсони алоҳида дар баъзе минтақаҳо ба ҳарорати аз ҳад зиёд паст ё баланд одат накардаанд ва оиди тарзи муҳофизати хеш дар чунин мавридҳо дониш надоранд. |

Шаш дастовардҳои асосии арзёбӣ дар зер шарҳ дода шудаанд:

**1. Ҳукумат барои кор аз болои таъғирёбии иқлим бевосита ва бавосита маблағгузорӣ намуда истодааст; акнун барои пешбурд ва ба роҳ мондани ин кор имконият фароҳам оварда шудааст.** Тартиботҳои нав оиди таъғирёбии иқлим бояд таҳия карда шаванд ва ҳукумат бояд амалигардонии самараноки тартиботҳои мавҷударо беҳтар ба роҳ монад.

Дар мавриди ҳозира чаҳорчӯбаи муайяни азназаргузаронии «масъалаи иқлим» вуҷуд надорад.

Дар сатҳи низомнокӣ маълум нест, ки кадом масъалаҳои дахлдори иқлим афзалиятнокии бештар доранд. Қарорқабулкунӣ ва буҷабандӣ аз рӯи тартиботҳо ба таври лозимӣ ба роҳ монда нашудааст. Сабаби ин ба пуррагӣ нагузарондани арзёбӣ оиди хароҷотхои умумии ба масъалаи иқлим дахлдор мебошад. Дар сатҳи ташкилотӣ одатан маълум нест, ки бо кадом роҳ ташкилотҳо байни ҳамдигар ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ бояд кунанд ва одатан масъалаҳои норасоии кормандони ботаҷриба, норасоии маблағ, таҷҳизот, қобилияти идоракунии барнома барои амалигардонии вазифаҳо дар ташкилотҳо масъалаҳои назаррас ҳастанд. Дар сатҳи фардӣ бошад, аз як кор ба кори дигар гузаштани кормандон дар мақомоти давлатӣ боиси аз даст шудани қобилиятҳои фардӣ ва таҷриба дар масъалаҳои таъғирёбии иқлим мегардад. Аз ин сабаб ҷорӣ намудани тартиботҳои нав то аз байн бурдани мушкилоти мазкури амалигардонӣ самаранок нахоханд буд.

**2. Тасдиқи Нақшаи Амалиёти Миллӣ оиди Таъғирёбии Иқлим ва қонунгузорӣ оиди баҳангомдарории он.**

Нақшаи Миллӣ бояд як қисмати силсилаи тартиботи калонтар оиди қонунгузорӣ бошад, ки устувории иқлимро тараннум менамояд. Ҷадвали 8 дар зер мақоми мавҷудаи қонунгузорӣ оиди таъғирёбии иқлимро нишон медихад.

*Ҷадвали 8: Таҳлили Вазъияти қонунгузории мавҷуда оиди Таъгирёбии Иқлим*

| Қонуни Тартибот | Вазъият | Ҳалли масъалаҳои Таъғирёбии Иқлим |
|---|---|---|
| Мафҳуми Муҳофизати Муҳит дар Тоҷикистон | Декабри соли 2008 тасдиқгардидааст | Climate change adaptation is not mentioned |
| То соли 2015 корбурд мешавад. | Масъалаи мутобиқсозии таъғирёбии иқлим қайд нагардидааст. | Adaptation is mentioned only in the context of applied research. |
| Нақшаи Амалиёт (барои амалигардонии Мафҳуми Муҳит) | Дар соли 2010 барои марҳилаи солхои 2010-2012 тасдиқ гардидааст; нақшаи амалиёт барои солҳои 2012-2015 дар соли 2012 тасдиқ хоҳад шуд. | Масъалаи мутобиқсозии таъғирёбии иқлим фақат дар доираи тадкиқоти дахлдор қайд гардидааст. |
| Қонун дар бораи Ҳифзи Муҳит | Дар соли 2010 тасдиқ гардидааст. | Масъалаи мутобиқсозии таъғирёбии иқлим қайд нагардидааст. |
| Қонун дар бораи Таълимот оиди Муҳит | Дар соли 2010 тасдиқ гардидаст | Масъалаи мутобиқсозии таъғирёбии иқлим қайд нагардидааст. |
| Қонунгузории бахшӣ ва Тартиботҳо | Дигаргунӣ;қонунҳо, мафҳумҳо ва нақшаҳои амалиёт дар ҳар марҳила ба ҳангом дароварда мешаванд. | Масъалаи мутобиқсозии таъғирёбии иқлим қайд нагардидааст. |
| Нақшаи Амалиёти Миллӣ оиди Таъгирёбии Иқлим | Дар соли 2003 тасдиқ гардидааст. | Дар мавриди ҳозира ягона тартибот оиди иқлим амал мекунад. |
| Кодекси Қонун оиди Муҳит | Дар соли 2012-2013 таҳия гардидааст; қонунгузории мавҷуда оиди муҳитро иваз мекунад. | |

(*Маъмурияти Давлатӣ оиди Обу хавосанҷӣ стратегияи мутобиқшави ба таъғирёбии иқлимро барои марҳилаи солҳои 2012-2030 таҳия карда истодааст ва дар айни замон гурӯҳи корӣ барои таҳия намудани лоиҳаи Нақшаи Амалиёти Миллӣ оиди мутобиқсозии таъғирёбии иқлим ташкил дода шудааст).

**3. Дар айни замон маълумотнокии ҷомеа оиди таъғирёбии иқлим зиёдтар аз он аст, ки тахмин гирифта шуд ва торафт зиёдтар шуда истодааст; акнун зарур аст, ки маълумот оиди мутобиқсозии таъғирёбии иқлим нисбатан мушаххастар ва мақсаднокгар дастрас гардонда шавад.**

57% -и хоҷагиҳо чунин ҳисоб мекунанд, ки онҳо оиди оқибатҳои таъғирёбии иқлим «маълумот доранд» ё «хеле хуб маълумот доранд». Бо вуҷуди ин дараҷаи дониши хоҷагиҳо тавассути хударзёбикунӣ муайян карда шуд ва ҷавобҳои дигар маълум карданд, ки мардум қобили алоқамандӣ бахшидани масъалаи мутобиқати таъғирёбии иқлим бо дигар масъалаҳои асосӣ, аз қабили касалиҳои сирояткунанда, дастрасии об ва ғ., нестанд. Гарчанде огоҳии мардум оиди масъалаи таъғирёбии иқлим зиёд шуда бошад ҳам, ҳанӯз ҳам мардум оиди масъалаи мутобиқсозии таъғирёбии иқлим маълумоти кофӣ надоранд. Ҳамчунин дар ин ҷода диққати махсусро ба баланд бардоштани маълумотнокии занони ҳассос додан зарур аст.

**4. Ҳамкорон ё шарикон бисёр намудҳои бунёди иқтидорро мепазиранд; барномаҳо бояд ба ниёзҳои онҳо ҷавобгӯ бошанд.**

Норасоии кормандони болаёқат ҳамчун яке аз проблемаҳои асосии қобилияти ташкилотӣ муайян карда шудааст. Ғайр аз ин 90% -и намояндагони расмии минтақавӣ ва миллӣ маълумоти иловагиро оиди масъалаҳои таъғирёбии иқлим талаб намуданд ва танҳо миқдори ками одамон оиди масъалаҳои иқлим омӯзиш гирифтаанд. Бо вуҷуди ин дар натиҷаи мушовирати ҳамкорон ва шарикон маълум гардид, ки миқдори зиёди шахсон аз омӯзишҳо «хаста шудаанд». Аз ин ҷо бармеояд, ки бунёдииқтидорроиди масъалаҳои таъғирёбии иқлим ҳанӯз зарур ҳастанд, аммо омӯзишҳои умумӣ бояд фақат барои иш-

тирокчиёне гузаронида шаванд, ки бо масъалаи таъғирёбии иқлим тамоман шинос нестанд; барои кормандоне, ки аз болои масъалаҳои таъғирёбии иқлим кор мекунанд методҳои дигари бунёди қобилиятро аз қабили мубодилаи таҷрибахо, таълимдиҳӣ ва ғ. истифода бурдан зарур аст.

Дар масъалаи бунёди қобилияти муассисаҳои давлатӣ оиди масъалаи таъғирёбии иқлим мушкилоти зиёд мавҷуданд, ки бояд ҳал карда шаванд:

- Таҷҳизот барои Мониторинг;
- Воситаҳои алоқа, яъне алоқаи берунӣ ва нашриётҳо;
- Саводнокии компютерӣ ва техникӣ;
- Омӯзиш ва Усулҳои Призентасия ё маърузакунӣ;
- Забони Англисӣ;
- Ҳисоботнависӣ (хусусан истифодаи истилоҳот оиди таъғирёбии иқлим);
- Истифодаи маблағи дохилӣ ё хориҷӣ (яъне таҳияи пешниҳодоти барнома барои дархости маблағ);

**5. Маълумотоиди таъғирёбии иқлим бояд се мақсади гуногун дошта бошад: баланд бардоштани маълумотнокии донишҷӯён, додани маҳоратҳо ба намояндагони ҳукумат ва таълим додани мутахассисон оиди масъалаи иқлим.**

Се фаъолиятҳои омӯзишӣ дар мавриди бунёди иқтидор оиди таъғирёбии иқлим бояд мавриди таваҷҷӯҳ қарор дода шаванд:

1. Баланд бардоштани маълумотнокии аҳолии ҷомеа оиди масъалаҳои иқлим тавассути омӯзондани хонандагони мактабҳои ибтидоӣ ва миёна;
2. Додани донишҳои зарурӣ ба донишҷӯёни хатмкунандаи донишгоҳ оиди масъалаҳои иқлим, то ки ин масъала илова бар ихтисосашон мавриди таваҷҷӯҳи онҳо қарор гирад (масъалан, духтурон, инженерон, мутахассисони соҳаи хоҷагии қишоқ ва ғ.).
3. Имкон додан ба аспирантҳо то, ки онҳо маҳорати заруриро сайқал дода тадқиқотро дар масъалаи иқлимшиносӣ баранд.

**6. Ташкилотҳои Ғайридавлатӣ (ТҒД)-ҳо бояд ҳамчун саҳмгузорон дар амалигардонии фаъолиятҳои Марҳилаи 2 истифода бурда шаванд.**

ТҒД-ҳо аллакай омӯзишҳоро оиди масъалаи таъғирёбии иқлим дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ гузаронда истодаанд ва Шабакаи Иқлими Тоҷикро бо номи ‘TajCN’ ташкил дода, қисмати Шабакаи Амалиёти Иқлим мебошанд. ТҒД-ҳои маҳаллӣ шабакаи устувори алоқаҳои маҳаллӣ дошта, дар амалигардонию самаранокии чораҳои мутобиқсозии таъғирёбии иқлим дар сатҳи ҷамоат таҷриба доранд.

**Тавсияҳо барои Марҳилаи 2-вум.**

Дар саҳифаҳои зерин тавсияҳо ба таври муфассал дода шудаанд. Ҷадвали 9 силсилаи тавсияҳоро, ки дар асоси шаш дастовардҳои дар боло номбаргардида дода шудаанд, дар бар мегирад. Ғайр аз ин дар Ҷадвали 10 тавсияҳои махсус оиди ташаккули институтсионалӣ ва бунёди иқтидори вазоратҳою муассисаҳои давлатӣ ва ҷомеаи шахрвандӣ дода шудаанд, то ки ба онҳо дар ҳалли масъалаҳои таъғирёбии иқлим ва мутобиқсозии он то андозае кӯмак расонда шавад.

*Ҷадвали 9: Тавсияҳо оиди бунёди иқтидор дар асоси дастовардҳо.*

| № | Самара | Қобилияти Аввала | Ҳалли Камбудӣ ё Норасоӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | Санҷиши Хароҷоти Тағйирёбии Иқлим | Мониторинг ва тафтишоти мавҷудаи давлатӣ;<br>Санҷишҳои Пешакии Хароҷоти Ҷамъиятӣ ва Санҷишҳои Бахшӣ; | Арзёбии нокифояи маблағ, ки аз ҷониби муассисаҳои давлатӣ (бевосита ё бавосита) барои масъалаи Тағирёбии Иқлим харҷ гардида буд;<br>Буҷагузории нокифоя дар асоси тартибот оиди масъалаи Тағйирёбии Иқлим ва Мутобиқсозии он; |
| 2 | Ҳисоботи Солона оиди Тағйирёбии Иқлим | Ҳисоботдиҳӣ ва ҳамкорӣ байни ҳукумат ва маблағгузорон барои ҷамъоварии омор оиди Стратегияи Паст кардани Сатҳи Камбизоатӣ ва Стратегияи Рушди Миллӣ ва таҳлили он; | Надодани шарҳи мухтассари солона оиди фаъолиятҳои Тағйирёбии Иқлим ва пешрафт оиди амалигардонӣ;<br>Маълумоти кофӣ надоштани қарорқабулкунандагон боиси душвор гардидани муайянкунии афзалиятнокии фаъолиятҳо оиди Тағйирёбии Иқлим гардидааст; |
| 3 | Нақшаи Амалиёти Миллӣ оиди Мутобиқсозии Тағйирёбии Иқлим | Гурӯҳи корӣ барои таҳияи ин ҳуҷҷат ташкил дода шуд;<br>Нақшаи Амалиёти Миллӣ оиди кам кардани Тағйирёбии Иқлим; | Дар мавриди ҳозира ягон Нақшаи Амалиёт оиди Тағйирёбии Иқлим вуҷуд надорад |
| 4 | Ворид намудани масъалаи Тағйирёбии Иқлим ба тартиботҳои рушд, қонунҳои бахшӣ, зерқонунҳо ва кодекси қонунӣ | Раванди қонунии давомдор ва таҳияи барномаҳои давлатӣ аз ҷониби бахши маъмурӣ; | Ваколати ками вазоратҳои дахлдор барои кор кардан аз болои масъалаи тағйирёбии иқлим; масъалаи мутобиқсозии иқлим ба тартибот оиди рушд ва тартиботи бахши дароварда нашудааст. |
| 5 | Саёҳатҳои минтақавӣ ва зерминтақавӣ барои баланд бардоштани малумотнокӣ | Ҳукумат ва ТҒД-ҳо чандин саёҳатҳои баланд бардоштани маълумотнокиро ташкил намуданд; | Дониш оиди тағйирёбии иқлим дар баъзе минтақахо нисбати баъзеи дигар хеле баланд аст (ин дониш шояд ҳатто дар дохили ноҳияҳо низ фарқ кунад); |
| 6 | Ахборотдиҳии муттаҳидона барои фаъолиятҳои огоҳкунии ҷомеа | Чандин чорабиниҳо барои дастрас гардондани маълумот гузаронда шуданд. | Маълумотҳои чорабиниҳои гузарондашуда байни ташкилотҳо ҳамоҳангсозӣ бахшида нашудааст ва самаранокии онхо маҳдуд аст; |
| 7 | Таълимдиҳӣ ва мубодилаҳои дарозмуддати мутахассисон | Иштироки давомноки муассисаҳо дар барномаҳои байналхалқӣ дар сатҳи минтақавӣ, ИДМ ва сатҳи ҷаҳонӣ; | Зарурати зиёди бунёди қобилияти шахсони расмӣ, ки аз болои масъалаҳои иқлим на хамчун як чорабинии яквақта, балки зиёд аз он кор мекунанд; |
| 8 | Барномаҳои Хурди Ройгон барои Мутобиқсозии Тағйирёбии Иқлим дар сатҳи маҳаллӣ. | Таҷрибаи кор бо Механизми Барномаҳои Хурди Ройгон барои масъалаҳои дахлдори Тағйирёбии Иқлим; | Зарурати санҷиш ва тақсими маълумот оиди мутобиқсозии тағйирёбии иқлим дар сатҳи миллӣ; |
| 9 | Истифодабарии таҷҳизотҳои мавҷуда барои омӯзиш. | Ҳукумат барои кормандони давлатӣ омӯзиши давомдор ва донишгоҳи махсус барои баргузории ин омӯзишҳо дорад; Таҷҳизотҳо барои омӯзиш ва таҷриба оиди масъалаҳои тағйирёбии иқлим дар вазоратҳо, дигар муассисаҳо, донишгоҳҳо, ТҒД-ҳо | Чандин муассисаҳо таҷҳизот ва кормандон барои гузарондани омӯзиш доранд, аммо мутассифона маблаҷи кофӣ надоранд; |
| 10 | Омузиши максаднок оиди тағйирёбии иклим ва саломатии инсон | Маърӯзаҳо дар Донишгоҳи Тиббӣ масъалаҳои Тағйирёбии Иқлим ва саломатиро дар бар мегиранд;<br>Ҳамкории мавҷуда бо ТУНТ оиди масъалаҳои тағйирёбии иқлим ва саломатӣ; | Зарурати маълумотдиҳӣ оиди мутобиқсозии тағйирёбии иқлим ба мутахассисони соҳаи тандурустӣ, махсусан эпидемиологҳо, кормандони ҳифзулсиҳати минтақавӣ ва намояндагони расмии маҳаллию минтақавӣ; |

| № | Самара | Қобилияти Аввала | Ҳалли Камбудӣ ё Норасоӣ |
|---|---|---|---|
| 11 | Нақшаи Гендер барои тамоми чорабиниҳои бунёди иқтидор | Барномаҳои дастгирии ЗАНОНи БРСММ ва шабакаҳои Кумитаи кор бо Занон ва Оила; | Миқдори ками занон дар мақомоти қарорӣқабулкунӣ маънои онро дорад, ки намояндагии занон дар омӯзишҳо кам хоҳад буд; |
| 12 | Санҷидани лоҳиаи Барномаи Давлатӣ оиди Муҳитомузӣ ва қонун дар бораи Омӯзиши Муҳит. | Баҳангомдарории марҳилавии қонунгузорӣ аз ҷониби парламент , муассисаҳои дахлдор ва гурӯҳи корӣ Барномаи Давлатӣ. | Лоиҳаи Барномаи Давлатӣ ва Қонун оиди масъалаи мутобиқсозии Таъғирёбии Иқлим ягон ишорае надоранд. |
| 13 | Модулҳои дахлдор ва нақшаи таълимӣ дар сатҳи пеш аз хатми донишгоҳ | Чандин мавзӯҳои вобаста ба муҳит мавҷуд ҳастанд | Норасоии модулҳои дахлдор ва барномаи таълим; Масъалаи мутобиқсозии таъғирёбии иқлим дар модулҳои мавҷуда оиди муҳит фаро гирифта нашудааст. |
| 14 | Нақшаи дарозмуддати омӯзишҳо барои мутахассисони дарозмуддати соҳаи таъғирёбии иқлим. | Қувваи корӣ ва нақшаи таълимӣ аз ҷониби муассисаҳои давлатӣ таъмин карда шуданд. | Аспирантҳо одатан дар хориҷи кишвар таҳсил мекунанд;<br>Норасоии таҷҳизотҳои зарурӣ дар дохили кишвар барои таъмини омӯзишҳо барои аспирантҳо оиди мутобиқсозии Таъғирёбии Иқлим. |
| 15 | Ҷалби ТҒД-хо ба бунёдииқтидорва ташкили омӯзишҳо | Фаъолиятҳои мавҷудаи ТҒД-ҳо оиди мутобиқсозии Таъғирёбии Иқлим, ки аз ҷониби донорон маблағгузорӣ шудаанд. | Норасоии тренерони дорои таҷриба оиди масъалаҳои мутобиқсозии иқлим дар дохилии кишвар |
| 16 | Сахми ТҒД-хо дар арзёбии хавфҳои Тагғирёбии Иқлим ва Мутобиқсозӣ | Барномаҳои мавҷудаи ТҒД-ҳо дар сатҳи ҷамоат. | Дониш дар сатҳи маҳаллӣ аз сатҳи миллӣ хеле паст аст ва ин ба раванди қарорқабулкунии таъсир мерасонад. |
| 17 | ТҒД-хо  ба амалигардони ва мониторинги Накшаи Амалиёти Милли оиди Таъгирёбии Иклим ҷалб шудаанд | Ҷалби ТҒД-хо ба фаъолияти гурӯҳи корӣ, ки Нақшаи Амалиётии пешниҳодшударо таҳия мекунанд. | Душвориҳои пештара дар мониторинг ва амалигардонии ташаббусҳо оиди муҳит, аз қабили барномаҳои давлатӣ ва нақшаҳои амалиёт (OSCE 2004). |

*Ҷадвали 10: Тавсияҳо оиди бунёди иқтидори институтсионалӣ барои муассисаҳо ва вазоратҳои давлатӣ ваташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ.*

| БТУИ ва Институтҳои Мутобиқсозии Таъғирёбии Иқлим | |
|---|---|
| *Ташкилот* | *Тавсияҳо* |
| Парлумон | *Кумитаи Экологӣ:* Бо вазоратҳо ва мутахассисон дар таҳлили мушкилоти мавҷудаи қонунгузорӣ оиди муҳит ва Қонун дар бораи Омӯзиши Муҳит ва пешниҳоди дигаргунию таъғиротҳо кор кардаанд.<br>*Кумитаи Хоҷагии Кишлоқвадигар кумитаҳое, ки бахшҳои барои тъғирёбии иқлим ҳассосро дарбар мегиранд:* Вазоратҳои бахшҳо ва мутахассисон таҳлили мушкилоти мавҷудаи қонунгузории бахшҳоро гузаронда даровардани таъғироти зарурирo пешниҳод мекунанд.<br>*Ҳамаи Кумитаҳо:* Дар омӯзишҳо оиди таъғирёбии иқлим, мутобиқсозии таъғирёбии иқлим, таъсироти бахшӣ, таъсироти дигар масъалаҳои доимӣ ва омӯзишҳо дар хусуси таҷрибаҳои беҳтарин оиди барномаҳо ва тартиботи мутобиқсозии таъғирёбии иқлим иштирок намуданд. |
| Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҳия ва тасдиқи Нақшаи Амалиёти Миллӣ оиди Мутобиқсозии Таъғирёбии Иқлим.<br>Аниқ муайян намудани афзалиятҳо дар бахшҳои ҳассоси таъғирёбии иқлим.<br>Талаб намудан, ки ҳамаи муассисаҳо дар бахшҳои ҳассоси таъғирёбии иқлим нуқтаи марказии корӣ оиди таъғирёбии иқлимро барои дастрасии маълумоти дуҷониба байни муассисаҳо ва БТУИ ташкил диҳанд.<br>Додани дастурҳои аниқ ба ҳукумати минтақавӣ ва маҳаллӣ оиди зарурати ворид намудани масъалаи таъғирёбии иқлим ба нақшаи рушди минтақавӣ ва маҳаллӣ. |
| Намояндагони расмии маҳаллӣ | ***Намояндагони расмии Ҷамоат:*** Масъалаи мутобиқсозии таъғирёбии иқлимро ба нақашаҳои рушди маҳаллӣ ворид намуданд. |

| БТУИ ва Институтҳои Мутобиқсозии Таъғирёбии Иқлим | |
|---|---|
| *Ташкилот* | *Тавсияҳо* |
| Маркази Обу Ҳавосанҷӣ | *Муассиса:* Дастгирӣ ва таъмини сари вақт ва аниқи  пешгӯии обу ҳаво барои муассисаҳои давлатӣ, махсусан Кумитаи Вазъияти Фавқуллода ва Мудофияи Граждани<br>*Муассиса:* Ҳамкорӣ бо Маркази Обу Ҳавосанҷӣ дар таҳияи стратегияи умумии таъғирёбии иқлим барои солҳои 2012-2030 ва назарияи иқлим дар Тоҷикистон.<br>*Муассиса:* Ҳамоҳангсозӣ оиди фаъолиятҳои бунёди иқтидор барои мураттаб ва дастгирӣ намудани фаъолиятҳои Марҳилаи 2-и Компоненти А2 бо мақсади устувор гардондани қобилияти намунасозӣ.<br>*Идораҳо ё Офисҳои минтақавӣ:* Дастгирӣ намудани нуқтаҳои маҳаллию ноҳиявӣ, ки аллакай фаъолияташонро оғоз намудаанд. |
| Кумитаи Ҳифзи Муҳит | *Кумита:* Истифодаи таҷҳизоти мавҷудаи омӯзиш, марказҳои нашриётӣ ва ахборотӣ.<br>*Кумита:* Омӯзиш барои намояндагони расмии вазорат оиди ворид намудани масъалаи таъғирёбии иқлим ба қонунгузорӣ оиди муҳит.<br>*Офисҳо ё Идораҳои Минтақавӣ:* Омӯзиш оиди мутобиқсозии таъғирёбии иқлим дар ноҳияҳое, ки идораҳо дар он ҷо ҷойгиранд. |
| Вазорати Молия | *Вазорат:* Кӯмак расонидан ба вазорат дар дастрас намудани омор ва маълумот оиди азназаргузаронии хароҷотии ҷамъиятӣ барои иқлим.<br>*Вазорат:* Кормандони роҳбарикунанда дар бахшҳои буҷа ва макро-иқтисод тавонистанд аз омӯзиши умумӣ оиди мутобиқсозии таъғирёбии иқлим баҳра бардоранд, кормандони дараҷаи миёна бошанд, аз омӯзишҳои махсус оиди иқтисоди таъғирёбии иқлим ва мутобиқатсозии таъғирёбии иқлим баҳра бурданд. |
| Вазорати Хоҷагии Қишлоқ | *Вазорат:* Ворид намудани масъалаҳои таъғирёбии иқлим ба қонунгузории хоҷагии қишлоқ.<br>*Намояндагони расмии Вазорати Минтақавӣ:* маълумотро оиди мутобиқсозии таъғирёбии иқлим ба деҳқонон тавассути каналҳои коммуникатсионӣ, ки барои таълимот оиди хоҷагии қишлоқ истифода бурда мешаванд, дастрас мегардонанд. |
| Вазорати Рушди Иқтисод ва Савдо | *Шӯъбаи Экология ва Хоҷагии Қишлоқ ва Шӯъбаи бахши Иқтисод:* Омӯзишҳо оиди ҷиҳатҳои иқтисодии Таъғирёбии Иқлим ва Мутобиқсозии Таъғирёбии Иқлим гирифтанд. |
| Вазорати Энергетика ва Саноат | *Ҳамаи Шӯъбаҳо:* Баланд бардоштани дониш оиди мутобиқсозии таъғирёбии иқлим, ба таври умумӣ маълумот додан оиди масъалаи таъғирёбии иқлим ва хароҷоти молиявӣ барои ҷалби бештари шунавандагон ё иштирокчиён.<br>Ворид намудани масъалаи мутобиқсозии таъғирёбии иқлим ба ҳамаи қонунгузориҳо оиди барқ ё энергетика.<br>Истифодаи воситаҳои ахбори омма ва баланд бардоштани маълумотнокии мардум дар мавзеҳое, ки дар он ҷо қобилияти мутобиқатсозии таъғирёбии иқлим баландтар аст (яъне мавзеҳое, ки дар он ҷо энергияи кофӣ ё захираҳои доимии энергетикӣ ва қувваи обӣ ба таври кофӣ мавҷуд ҳастанд). |
| Вазорати Ислоҳоти Замин ва Захираҳои Об | *Вазорат:* Ворид намудани масъалаи мутобиқсозии таъғирёбии иқлим ба қонунгузорӣ оиди об.<br>*Вазорат:* Баланд бардоштани маълумот оиди технологияҳои захираи об ва муносибати онҳо ба мутобиқсозии таъғирёбии иқлим. |
| Вазорати Тандурустӣ | *Ҳукумати ҶТ:* Тасдиқ ва Амалигардонии Стратегияи Миллӣ оиди Таъғирёбии Иқлим ва Саломатии Инсон<br>*Вазорат:* Дастгирӣ намудани зерқонун оиди эпидемология барои беҳтар намудани низоми ҷамъоварии омору ахборот ва мониторинги касалиҳои сирояткунанда ва  одатӣ, ки шояд дигаргуншавӣ ва таъғирёбии иқлим ба онҳо<br>*Вазорат:* Дархости маблағ барои давом додани маълумоти тиббӣ дар доираи таъғирёбии иқлим ва саломатии инсон ва таҷҳизотҳо барои омӯзиш барои Шӯъбаи Гигиенаи Умумӣ ва Эпидемология. |
| Вазорати Нақлиёт | *Вазорат:* Ворид намудани масъалаҳои иқлим ба қонунгузориҳо оиди нақлиёт.<br>*Вазорат:* Ташаккул додани иқтидор барои ворид намудани масъалаҳои иқлим дар банақшагирии сохтмон ё инфраструктура. |
| Кумита оиди Вазъиятҳои Фавқуллода ва Муҳофизати Шаҳрвандон | *Барои Кумита ва Парлумон:* Васеъ намудани ваколати Кумита барои равшан баён намудани масъалаи таъғирёбии иқлим  ва хавфи таъғирёбии иқлим.<br>*Кумита:* Тартиб додани протокол барои ҷавоб додан ба вазъияти фавқуллодаи таъғирёбии ҳарорат.<br>Барои кормандон дар офисҳои марказӣ  ва офисхои минтақавӣ: Омӯзиш оиди мутобиқсозии таъғирёбии иқлим  ва идоракунии хавфи таъғирёбии иқлим, махсусан таъсироти таъғирёбии иқлим ба саломатии инсон, захираи об ва сифат.<br>*Барои Кумита:* Беҳтар намудани қобилияти лабораторияи химиявӣ ва радиометрӣ. |

| БТУИ ва Институтҳои Мутобиқсозии Тағйирёбии Иқлим | |
|---|---|
| *Ташкилот* | *Тавсияҳо* |
| Кумитаи Давлатии Истифодаи Замин, Геодезия ва Картография | *Кормандони Кумита дар Душанбе дар сатҳи минтақавӣ ва дар сатҳи ноҳиявӣ:* Омӯзишро оиди масъалаҳои тағйирёбии иқлим ва мутобиқсозии тағйирёбии иқлим гузарондан лозим аст ва махсусан дар маркази диққат қарор додани масъалаи истифодаи замин ва тағйиротҳо дар истифодаи замин лозим аст.<br>*Роҳбарони офисҳои ноҳиявӣ ва минтақавӣ, Шӯъбаи Мониторинг дар офиси миллӣ:* Омӯзиш оиди ҷамъоварӣ ва таҳлили ахборот оиди замин, яъне фарсоиш, ҷангалсозӣ ва тағйирёбии истифодаи замин<br>Кумита: Мизи мудаввари чорякӣ, ки аз ҷониби Кумита гузаронда мешавад, бояд ҳамчун нуқтаи вуруд барои модулҳои омӯзишӣ ва пешниҳоди натиҷаҳою таҷрибаҳои андӯхта аз омӯзиш бошад. |
| Академияи Улум | *Институтҳои Тадқиқотии Академия:* Ба таври фаъол дар ташкил додани курсҳо, барномаи таълим ва тарҳрезии барномаи иқлимшиносӣ ҳиссагузорӣ менамоянд.<br>*Институтҳои Тадқиқотии Академия:* Саҳм гузоштан дар арзёбии зарурати тадқиқот ва омӯзиш барои гузарондани тадқиқоти тӯлонӣ оиди иқлим дар Тоҷикистон.<br>*Институти Илмҳои Кишоварзӣ (Хоҷагии Қишлоқ):* Истифодаи кори тадқиқотчиён дар институт дар мавриди ворид намудани масъалаи мутобиқсозии тағйирёбии иқлим дар тартиботҳо ва барномаҳои хоҷагии қишлоқ. |
| Донишгоҳҳои Давлатӣ | Зиёд намудани миқдори донишҷӯёне, ки дар соҳаҳои метеорология ва гидрология таҳсил мекунанд. Шинос намудани махсусиятҳо ва нозукиҳои таълимии илми иқлимомузӣ. |
| Институти тадқиқотии баъдидонишгоҳӣ барои Маълумоти Давомноки Кормандони давлатию ташкилотҳо | Ворид намудани масъалаҳои тағйирёбии иқлим ба омӯзишҳои мавҷуда оиди масъалаҳои муҳит.<br>Тартиб додани модулҳои махсуси омузишӣ барои кормандони давлатию роҳбарони сатҳи минтақавӣ оиди тағйирёбии иқлим, мутобиқсозии он ва ворид намудани масъалаҳои тағйирёбии иқлим ба нақшаҳои рушди маҳаллӣ ва ноҳиявӣ.<br>Таҳия ва нашри маводи омӯзишӣ ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ оиди мутобиқсозии тағйирёбии иқлим. |
| Ташкилотҳои Ҷомеаи Шаҳрвандӣ | *ТҒД-ҳо оиди Муҳит:* Саҳмгузорӣ намудан дар таҳияи Ҳисоботи Солонаи пешниҳодгардида оиди Тағйирёбии Иқлим ва дар даровардани тағйирот ба қонунҳо ва тартиботҳо. Ҳамчунин даровардани тағйирот дар Нақшаи Амалиёти Миллӣ оиди мутобиқсозии тағйирёбии иқлим. Гузарондани омӯзишҳо ва дастрас намудани маълумот ба ТҒД-ҳо дар дигар бахшҳо, аз қабили гендер ва кӯмаки башардӯстона.<br>*Дигар ТҒД-ҳои Бахшӣ:* Дастрас намудани маълумот оиди тағйирёбии иқлим ба фоидабарандагони маҳаллӣ дар сатҳи ҷамоат. |

# 6. БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪЛУМОТНОКӢ ВА ТАЪМИНКУНАНДАГОНИ ХИЗМАТРАСОНӢ

Дар соли 1998 Тоҷикистон Шартномаи Созмони Милал оиди Таъғирёбии Иқлимро тасдиқ намуд. Чаҳорчӯбаҳои байналхалқӣ барои фаъолиятҳои баланд бардоштани иқтидор ва маълумотнокӣ дар Моддаи 6 оварда шудаанд:

*'Ҳамаи Ҷонибҳо бо иловаи Ташкилотҳои ғайридавлатӣ бояд дар пешбурди маълумот, омӯзишҳо ва огоҳии умум оиди таъғирёбии иқлим ҳамкорӣ намоянд ва иштироки зиёдро дар ин раванд тарғиб намоянд'.*

Чорчубаи № 3 пояҳои конунӣ ва тартибот оиди муҳофизати муҳит ва омӯзиши муҳитро нишон медиҳад.

**Чорчубаи 3: Қонунгузории Дахлдор ва Ҳуҷҷатҳои Тартибот оиди Омӯзиши Таъғирёбии Иқлим ва Баланд бардоштани маълумотнокӣ**

- Қонун оиди Омӯзиши Муҳит (2010) ки ваколатҳои Давлат, намояндагони расмии маҳаллӣ ва ТҒД-ҳоро дар омӯзиши муҳит муайян менамояд.
- Қонун дар бораи Маълумот оиди Муҳит (2011) пояҳои конунӣ, ташкилотӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои дастрасгардонии маълумот оиди муҳитро муайян менамояд; он талаб менамояд, ки муассисаҳо маълумот оиди муҳитро пур кунанд.
- Лоҳиаи Барнома оиди Омӯзиши Муҳит барои солҳои 2010-2015 дар дохили барномаи БРСММ ва ХГЭ тайёр карда шудааст.
- Нақшаи Амалиёти Миллӣ оиди кам кардани Таъғирёбии Иқлим чораҳо барои беҳтар кардани хизматрасонии баланд бардоштани маълумот ва дараҷаи огоҳии ҷомеаро нишон медиҳад, ки аз ҷониби ташкилотҳои давлатию ғайридавлатӣ ба иҷро расонда мешаванд.

Хизматрасонандагони ин фаъолият аз ҷониби Маркази Экологии Ҷавонон амалӣ гардонда шуд. Дар рафти ин санҷиш масъалаҳои мазкур мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирфтанд:

- Фаъолиятҳои мавҷуда ва фаъолияткунандагони чорабиниҳо оиди таъғирёбии иқлим дар Тоҷикистон.
- Камбудиҳои омӯзиш ва маълумотдиҳӣ оиди таъғирёбии иқлим дар Тоҷикистон.
- Тавсияҳо барои беҳтар кардани омӯзиш ва маълумотдиҳӣ оиди таъғирёбии иқлим дар Тоҷикистон.

Ҷадвали 11 маълумоти 'фишурда'аз дохили маълумоти аввала гирифта шудааст, ки дар ҳисоботи асосӣ – Машқи Санҷишӣ дар бораи Маълумотнокӣ оиди Иқлим дар Тоҷикистон дода шудааст.

*Ҷадвали 11 – Маълумоти Аввала дар бораи чорабиниҳои ҷамъиятӣ оиди Таъғирёбии Иқлим*

| No | Ҷанба |
|---|---|
| 1 | Сатҳи дониш оиди Таъғирёбии Иқлим дар байни занон нисбати мардон пасттар аст. |
| 2 | Сатҳи дониш оиди таъғирёбии иқлим байни Ноҳияҳо ва Ҷамоатҳо аз ҳам тафовути калон дорад. |
| 3 | 40% -и дониши аҳолӣ оиди Таъғирёбии Иқлим дар дараҷаи кофӣ аст; 57% боварӣ доранд, ки онҳо оиди ин масъала 'маълумоти хуб доранд'*. |
| 4 | 41% -и бошандагон боварӣ доранд, ки Таъғирёбии Иқлим душвории ҷиддӣ барои инсоният мебошад. |
| 5 | Маркази Обу Ҳавосанҷӣ муассисаи асосии дорои ваколат барои маълумотдиҳӣ оиди чорабиниҳои таъғирёбии иқлим мебошад. |

| No | Ҷанба |
|---|---|
| 6 | TajCN – ин Шабакаи Тағйирёбии Иқлими Тоҷик мебошад ва он 86 обунашавандагон дорад, ки бештари онҳо ТҒД-ҳои маҳаллӣ мебошанд. |
| 7 | Сарчашмаи асосии маълумот телевизиони Русия мебошад, на воситаи ахбори умуми тоҷик бо забони тоҷикӣ. |
| 8 | Бо забони тоҷикӣ маълумот хеле кам ва маҳдуд аст ва он маълумотҳо нашр ва дастраси омма гардонда намешаванд. |
| 9 | Модулҳои ҷудогонаи омӯзиш оиди тағйирёбии иқлим мавҷуданд, ки аз ҷониби ташкилотҳои гуногун тартиб дода шудаанд. |
| 10 | Се чорабинии ҷамъиятӣ оиди тағйирёбии иқлим гузаронда шудаанд, ки аллакай такони бузурге дар ин кор мебошанд;<br>а)Соати Замин,рузи 26 уми Март; б) 350.org рузи 10.10.2010с; в) Рузи Замин 22 юми Апрел. |
| 11 | Маълумот оиди Тағйирёбии Иқлим дар Тоҷикистон дар чор сафҳаи сайти интернет (inc. www.PPCR.tj) дастрас аст. |
| 12 | Кумитаи Ҳифзи Табиат рӯзномаро бо унвони «Ҳифзи Табиат» таҳия мекунад. |
| 13 | Маҷалла барои кӯдакон бо номи 'Ҷавон Тоҷикон' таҳия карда мешавад. |
| 14 | Намоиши ҳафтаинаи радио таҳти унвони «Мо ва Табиат» тавассути радиои Тоҷикистон баргузор мегардад. |
| 15 | Клуби Эко-Журналист дар соли 2011 таъсис дода шуд. |
| 16 | Қобилияти воситаҳои ахбори омма дар тарзи тафсир додани омӯзиши тағйирёбии иқлим, таъсироти он ва роҳҳои пешгирии он маҳдуд аст. |
| 17 | Нашри маълумот тавассути воситаҳои ахбори омма пулнок буда барои ҷо додан дар саҳифаи нашриёту вақти эфир пул гирифта мешавад. |
| 18 | Истифодаи Форумҳои Воситаҳои Ахбороти Иҷтимоӣ (яъне Facebook, Twitter, U-tube) маҳдуд ҳам бошад, аммо самаранок аст. |
| 19 | Чандин ташкилотҳои байналхалқӣ, аз қабили БРСММ, Oxfam, ACTED аз болои масъалаи тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон кор мекунанд. |
| 20 | Дастурот оиди самара ва натиҷаи чорабиниҳои баланд бардоштани маълумотнокии ҷомеа оиди масъалаи тағйирёбии иқлим вуҷуд надоранд. |

(*Аз имкон дур нест, ки дар натиҷаи арзёбӣ ба духурагии маъно роҳ дода шудааст, чунки он тавассути хударзёбикунӣ гузаронда шуда буд).

Ҳамчун як қисмати машқи санҷиш шаш чорабинӣ оиди маълумотнокии мардум дар бораи тағйирёбии иқлим санҷида шуданд. Ин чорабиниҳо бештарашон дар маркази кишвар, шаҳри Душанбе гузаронида шуданд ва қариб 2000 иштирокчиён дар ин чорабиниҳо иштирок намуданд. Бо вуҷуди ин камбудии чорабиниҳо дар он буд, ки дар он ҷо  оиди натиҷахои аниқ, нишондиҳандаҳо ва арзёбиҳои минбаъда оиди муваффақиятнокии чорабиниҳо маълумот дода нашуд ва арзёбии самараноки ин чорабиниҳо аз ин сабаб душвор буд. Ба машқи санҷиш чорабинии васеъ оиди тағйирёбии иқлим, ки дар Русия гузаронда шуда буд, низ дохил гардид. Он ҳамчун «намунаи» чорабиниҳо барои гузарондани чорабиниҳои оянда дар Тоҷикистон истифода хоҳад шуд. Илова бар ин панҷ чорабинии дигар ба машқи санҷиш фаро гирифта шуданд (баъзе чорабиниҳои гузаронидашуда ба машқи санҷиш дохил нашуданд), то ки дастовардҳои мавҷудаи кишвар дар ин самт ба як шакл дароварда шаванд ва муайян карда шавад, ки кадом фаъолиятҳоро дар Марҳилаи 2 гузарондан лозим аст. Чорабиниҳо оиди тағйирёбии иқлим дар Ҷадвали 12 нишон дода шудаанд. Дар рафти машқи санҷиш силсилаи тавсияҳо оиди фаъолиятҳои Марҳилаи 2 дода шудаанд. Ин тавсияҳо дар Ҷадвали 13 нишон дода шудаанд.

*Ҷадвали 12 – Маълумот дар бораи чорабиниҳо оиди тағирёбии муҳит.*

| Ном | Ташкилот | Чорабинӣ | Иштирокчиён | Усул | Натиҷаҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| Соати Замин (2000 нафар) | Фонди Табиати Зинда Ҳукумати Душанбе | Баланд бардоштани маълумотнокӣ оиди тағйирёбии иқлим, кам кардани хориҷкунии Гази гармхонаҳо, самаранокии таъмини энергия | Оммаи мардум (Душанбе) | Қувваи барқ дар давоми як соат хомӯш буд (ҳамчунин чароғи раҳнамо ва эълонҳои тасвирӣ ё намоишӣ) | Таъсироти чорабинӣ бояд санҷида мешуд, чунки аҳолӣ аз хомӯшшавии доимии қувваи барқ хаста шудаанд. Дастгирии зиёд аз ҷониби намояндагони расмии ҳукумат назаррас аст. |
| Рузи Замин (2000 нафар) | ТҒД-ҳои маҳаллӣ, Кумитаҳои Ҳифзи Муҳит | Баланд бардоштани иқтидор оиди масъалаҳоимуҳит Дар солҳои 2008-2009 «Иқлим тағйир меёбад!» | Донишҷӯён, Ҷомеа, Ҳукумат, Соҳибкорон (Душанбе, Хуҷанд, Кӯлоб, Қурғонтеппа, Шахртуз) | Баҳсҳо бо эълонҳо; Намоиши ҷудогона оиди энергия Санҷишҳо, Филмҳо, Маъракаҳои ҷамъоварии партовҳо, нашриётҳо | Чорабинии анъанавӣ, ки миқдори зиёди иштирокчиёнро ҷалб менамояд. Таъсирнокии чорабинӣ аз замони оғоз гардиданаш зиёд гардидааст. |
| 350.org (1000 нафар) | Ҳаракати байналхалқии «350.org» ТҒД-ҳои Ҳукумати Душанбе | Баланд бардоштани маълумотнокӣ оиди тағйирёбии иқлим кам кардани хориҷшавии гази карбон ба 350 қисм дар як миллион. | Оммаи мардум (Душанбе) | Чорабинии фазои кушод ва корҳои марҳилавӣ. Варақаҳо ва парчамҳо истифода шуданд. | Ҳукумати шаҳр чорабинии фазои кушоди авваларо дастгирӣ намуд. |
| Чорабиниҳо барои маълумотдиҳи ба Ҷамоатҳо (1000 нафар) | Act Central Asia, Маркази Экологии Ҷавонон, Кумитаҳои Маҳаллаҳо, Марказҳои Захоири Ҷамоат | Баланд бардоштани маълумот оиди хавфи тағйирёбии иқлим ва чораҳои мутобиқсозӣ | Деҳконони Хоҷагиҳои Деҳқонии Маҳаллӣ (Носири Хусрав, Шахртуз, Қабодиён, Ҳисор) | Шинос намудани механизми Мутобиқсозии Тағйирёбии Иқлим дар ҷамоат Тарҳрезӣ намудани Нақшаҳои Фаъолияти Маҳаллӣ оиди кам кардани миқдори ниёзмандон ва муҳофизати сарчашмаҳои зисту зиндагонӣ; Омӯзишҳо оиди технологияи захираи об, истифодаи замин, муҳофизати растанӣ, самаранокии энергия. Таҳия ва тарҳи брошюраҳо. Таъсис додани 5 Марказҳои Ҷамоатӣ; Ташкил додани қитъаҳои намоишӣ. | Ҷамоатҳо ва Гурӯҳҳои ҳассос нақши асосиро дар таҳлили ҳассосият ва таҳиягардонию амалисозии Нақшаи Амалиёти Маҳаллӣ бозӣ намуданд. Масъалаҳои иқлим ва мутобиқсозии тағйирёбии иқлим бомуваффақият ба нақшаҳои рушди деҳот ва барномаҳои устуворгардонии шароити зист, дастрасӣ ба хизматрасониҳои асосӣ, дастрасӣ ба бозор дохил карда шуданд. |

| Ном | Ташкилот | Чорабинӣ | Иштирокчиён | Усул | Натиҷаҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| “Халтаи пластикӣ? Не, Раҳмат!” (100 нафар) | Олами Кӯдакон, Супермаркетҳои Пайкар ва Шоҳона | Маълумот додан оиди тарзи истифодабарии халтаҳои пластикӣ. | Савдогарони бозор (Душанбе) | Китобчаҳои ахборотӣ, тақвим, ивази халтаҳои матогин | Маълумот оиди халтаҳои матогин равшан буд, аммо ягон ҷиҳати иқтисодӣ дар мавриди шинос намудани ин халтаҳои матогин қайд нагардид. |
| Чорабинӣ оиди биёбоншавӣ ва нестшавии замин (1000 нафар) | CAREC, Бахши Тоҷикистонӣ | Баландбардоштани маълумот оиди нестшавӣ ё биёбоншавии заминҳо ва роҳҳои имконпазири ҳалли он. | Аҳолии Деҳот, Ҳукумат, Донишҷӯён (Хатлон ваСуғд) | Воситаҳои ахбор, семинарҳо, омӯзишҳо, маводи омӯзишӣ оиди истифодаи самаранокӣ захираҳои замин ва шиносоӣ бо технологияи устувори истифодаи замин. | Мутаассифона ягон арзёбии таъсирот гузаронида нашудааст. Дар масъалаи интихоби гурӯҳи максадҳо душвориҳо пеш омаданд: қисми бештари фаъолиятҳо барои мутахассисон гузаронда шуд, ки онҳо аллакай оиди мушкилиҳои истифодаи замин маълумот доранд. |
| ‘Як тон камтар’ (100,000 нафар) | Намояндагони давлатии ТГД «Еколин»-и Москва. Шуъбахои Хифзи Мухити Москва ва Санкт-Питербург | Мақсад мутобиқ гардондани иқтисоди шахр бо тағйироти иқлим тавассути захираи энергия | Истифода барандагони фаъоли интернет, ки синну солашон байни 12-50 сола буда, бошандагони Москва ва Санкт Питербург мебошанд. Хонандагон, донишҷӯён, волидон | Ҳисоби фардии хориҷшавии гази Карбон (CO2) Намоиши фаъолиятҳои фардӣ барои кам карданни хориҷшавии Карбон. Иштироки шахсони машҳур ё номдор, Паҳнкунии маълумот, яъне тавассути воситаҳои ахбори умум, телефон ва эълонҳои беруна Мусобиқаҳои донишҷӯён. | Маърака хуб тарҳрезӣ гардидааст, нишондиҳандаҳо ва дастурҳо хеле натиҷабахш ҳастанд: маълумотнокӣ, шавқу рағбат, миқдори истифодабарандагони маълумот аз саҳифаи интернет, таҳияи стратегияи шарикон ё ҳамкорон дар муассисаҳо ва ташкилотҳои соҳибкорӣ Натиҷа: Қарори намояндагони расмии давлатии Маскав «Оиди гузариш ба истифодаи технологияҳои самараноки энергия». |

*Ҷадвали 13 – Тавсияҳо оиди фаъолиятҳои баланд бардоштани маълумотнокӣ барои Марҳилаи 2*

| |
|---|
| 1. Мавҷуд набудани тартиботҳо барои шиносоии бонизоми масъалаи таъғирёбии иқлим ба барномаи таълими мактабҳо, донишгоҳҳо ва муассисаҳои махсуси таҳсилот барои калонсолон. |
| Ворид намудани масъалаи таъғирёбии иқлим ба барномаи таълимии омӯзишҳо дар ҳамаи сатҳҳои маориф (мактабҳои миёна, донишгоҳҳо, муассисаҳои махсуси таҳсилоти давомнок пас аз хатми донишгоҳ ва ғ.) дар шакли бонизом, ҳамчун ин ворид намудани масъалаҳои мазкур ба тартибот ва барномаҳои маориф (масъалан, БарномаиДавлатӣ оиди омӯзиши муҳит барои солҳои минбаъда ва ғ.).<br><br>Тарғиб намудани фаҳмиши алоқа доштани масъалаи таъғирёбии иқлим бо дигар масъалаҳо (яъне ворид намудани масъалаҳои таъғирёбии иқлим ба модулҳои омӯзишии барномаи таълим оиди паст кардани сатҳи камбизоатӣ, рушди иқтисодӣ вағ.) дар муассисаҳои махсус (донишгоҳҳо, омӯзишгоҳҳои тадқиқоти барои маълумоти давонок ва ғ.). Масъалан, ворид намудани масъалаи Таъғирёбии Иқлим ба модули рушди инсон дар маърӯзаҳои Донишгоҳи Давлатии Тиббии Тоҷик барои мутобиқсозии саломатии инсон бо таъсироти таъғирёбии иқлим. |
| 2. Нақши андаки органҳои ҳукуматӣ дар маълумотдиҳӣ ва омӯзиш оиди таъғирёбии иқлим. |
| Бунёдкорӣ дар асоси сохторҳои мавҷудаи давлатӣ ва ҳамкориҳо барои беҳтарнамудани омӯзиш ва азхудкунӣ:<br><br>Дар раванди таҳияи тартибот кафолат додани иштироки муттаҳидонаи муассисаҳое, ки бо маориф, баланд бардоштани маълумотнокӣ ва бунёди иқтидор кор мекунанд. Дар ин ҷода Институти Омӯзишии пас аз хатми донишгоҳ барои Маълумоти Давомнок метавонад нақши роҳбарикунанда дошта бошад.<br><br>Таҳияи нақшаи кории мукаммали бисёрсола барои Институти Омӯзишии пас аз хатми донишгоҳ барои Маълумоти Давомнок, ки он омӯзиш оиди таъғирёбии иқлимро мавриди таваҷҷӯҳ қарор дода, роҳҳои асосии амалигардонии нақшаи кории бисёрсоларо муайян менамояд.<br><br>Дастгирии доимии ташкилотҳои фаъол барои ба онҳо имконият додани идора намудани баланд бардоштани маълумотнокӣ оиди таъғирёбии иқлим ва омӯзиш. Кафолат додан, ки ин ташкилотҳо метавонанд бо дигар кишварҳои минтақа дар мубодила намудан, тарҷума ва истифодаи маводу усулҳое, ки аллакай дар дигар кишварҳо таҳия гардидаанд, ҳамкорӣ намоянд.<br><br>Мустаҳкам намудани қобилияти марказҳои нашриётии мавҷуда ва мутахассисони бахши коммуникатсионӣ, ки ба вазоратҳои асосӣ оиди масъалаҳои таъғирёбии иқлим вобаста гардонда шудаанд. Ҳамчунин баланд бардоштани маълумотнокӣ дар байни кормандони вазоратҳо барои баровардани мақолаҳо, видео, ахборотҳо ва гайраҳо.<br><br>Ворид намудани масъалаи таъғирёбии иқлим ба нақшаҳои амалиёти бахшҳо, ва баланд бардоштани маълумотнокии вазоратҳои асоси оиди ин нақшаҳо. |
| 3. Бенизомии дар баъзе ҳолатҳои алоҳида гузарондани фаъолиятҳои маълумотдиҳӣ оиди таъғирёбии иқлим. |
| Ворид намудан дар буҷаи давлатии вазоратҳои асосӣ (ҳамчунин дар нақшаҳо ва барномаҳои амалиёти бахшҳо) фаъолиятҳое, ки мақсади баланд бардоштани маълумотнокӣ оиди таъғирёбии иқлим ва мавриди таваҷҷӯҳ қарор додани масъалаи таъғирёбии иқлим ҳамчун масъалаи барои рушди асосии бахшҳо, аз қабили: энергия, захираҳоиоб, рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва ғ.<br><br>Ташаккул додани иқтидор ва таҷрибаҳои мавҷуда барои гузарондани чорабиниҳо маъракаҳои баланд бардоштани маълумотнокӣ оиди таъғирёбии иқлим.<br><br>Гузарондани фаъолиятҳои баланд бардоштани маълумотнокӣ дар вилоятҳо ва ноҳияҳои дорои маълумоти камоиди ин масъалаҳо; дар асоси дастовардҳо таҳия намудани нақшаи эълон, ки он дастрас гардонии маълумоти асосиро оиди таъғирёбии иқлим ва мутобиқатсозии он ва масъалаҳои алоқаманд ба онро дарбар мегирад.<br><br>Кафолат додани давомнокӣ ва мубодилаи маълумот дар бораи маълумотдиҳӣ ва омӯзиш оиди таъғирёбии иқлим тавассути тахияи низоми мустақим иинтернет (онлайн) барои таъмин ва назорати фаъолиятҳои асосии омӯзиш ва бунёди иқтидор.<br><br>Муайян намудани гурӯҳҳои мақсадноки махсус, ки барои онҳо маълумот оиди таъғирёбии иқлим ниҳоят муҳим хоҳад буд ва барои таҳия намудани маводҳои гуногун оиди таъғирёбии иқлим (барои донишҷӯёни донишгоҳҳо, дигар омӯзишгоҳҳо, таҳиягарони тартиботҳо, мардуми ҳассос (ниг. Ҳисоботи асоси). |
| 4. Иқтидори маҳдуди воситаҳои ахбори умум (радио ва телевизион, нашриёт воситаҳои мустакими интернет) ва таъсироти он ба доираи фарогирии масъалаи таъғирёбии иқлим |
| Баланд бардоштани иқтидори воситахои ахбори умум барои дарки масъалаи таъғирёбии иқлим, ҳассосият, таъсиротҳо ва мутобиқсозӣ.<br><br>Дастгирии шабакаи Эко-Журналист барои дастрас намудани маълумот оиди таъғирёбии иқлим дар саросари кишвар.<br><br>Таҳияи нақшаи тарғиботи (воситаҳои ахбор, радио) барои кафолат додани фарогирии васеи воситаҳои ахбори умум дар сатҳи милли ва маҳалли. |

| 5. Камбудии нашриётҳо ва сарчашмаҳои воситаҳои ахбори умум ба забони миллӣ |
| --- |
| Муайян намудани зарурриятҳо ва афзалиятҳо дар нашриётҳои асоси оиди таъғирёбии иқлим дар сатҳи кишвар ва вилоят, ки метавон онро ба забони тоҷикӣ тарҷума намуд. Дар натиҷа паҳн намудани базаи маълумот оиди нашриётҳо, маводҳои истифодашуда ва воситаҳои ахбор ба забони милли<br><br>Истифодаи барномаҳои минтақави барои мубодилаи нашриётҳо ба забони руси ва тарҷумаи онҳо (ё қисме аз онхо)ба забони тоҷикӣ;<br><br>Ҷамъ намудани таҷрибаҳои беҳтарини минтақави ва тарғиб намудани онҳо дар нашриёти тоҷик ва ба таври фаъол тақсим намудани нашриёт. |
| 6. Иловагӣ |
| Тартиб додани 'рамзи ҷалбкунанда, хати ҷолиб ва ғ.' , ки ба масъалаи таъғирёбии иқлим ва БСУИ алоқаманди дошта бошад.<br><br>Дар мавриди банақшагирии чорабиниҳои маълумотдиҳӣ ба назар гирифтани иштирокчиён ва дониши аввалаи онхо, ба назар гирфтани нишондихандаҳо, самарахо, натиҷаҳо, методҳои мониторинг ва арзёби зарур аст. Чорабинихо ва маъракахои таҷрибавиро ба гурухи хурд пеш аз гузарондан барои иштирокчиёни зиёдтар гузарондан лозим аст. |

# 7. МОДУЛХОИ ОМӮЗИШ ОИДИ ТАЪҒИРЁБИИ ИҚЛИМ

БРСММ силсилаи модулҳои омӯзиширо оиди таъғирёбии иқлим бо забонҳои тоҷикӣ ва руси тайёр намудааст. (www.ppcr.tj)

1. *Шинос намудани Хусусиятҳои Асосии Таъгирёбии Иқлим*
2. *Ҳассосият*
3. *Таъсирот*
4. *Мутобиқсозӣ*
5. *Ворид намудан ба масъалаҳои алоқаманд*

Дар асоси мулоҳиза семинари нахустин дар моҳи Июн 5 масъалаи алоқаманд барои баҳс намудан оиди масъалаҳои иқлим муайян карда шуданд.

- Таъғирёбии Иқлим ва Воситаҳои Ахбори Умум
- Таъғирёбии Иқлим ва Занон
- Таъғирёбии Иқлим ва Камбизоати
- Таъғирёбии Иқлим ва Тартиботи Давлат
- Таъғирёбии иқлим ва Банақшагирии Минтақавӣ (сатҳи Вилоятӣ)



Расми 4: Иштироки якчояи занону мардон дар семинар оиди гендер



Расми 5: Иштирокчиён андешиҳои худо баён мекунанд

Максади асосии омузишҳо устувор гардондани қобилиятҳои умуми ва маълумотнокии гуруҳи мақсаднок оиди таъғирёбии иқлим ва шарҳ додани роҳҳои алоқаманд намудани масъалаи мутобиқсозии иқлим ба дигар масъалаҳои дахлдор мебошад. Модулҳо бо забони руси дар панҷ семинарии якрӯза, ки моҳи Ноябр дар Офисҳои Маркази Обу Ҳавосанчи баргузор гардиданд, пешниҳод шуданд. Дар ин семинарҳо 135 нафар иштирок намуданд, ки ин 45%-и намояндагони ҳукумат, 48% занон ва 23% аҳолии ноҳияҳоро ташкил дод. Курси омӯзиши аз ҷониби тренерони ТҒД-ҳои маҳалли, Академияи Улум, Интситути Тадқиқотҳои Стратегги, воситаҳои ахбори маҳалли ва аз ҷониби намояндагони ҳукумат, аз қабили ҷаноби Хомидов, Мутахассиси Кумитаи Хифзи Муҳит ва ҷаноби Маҳмадалиев, Директори Хазинаи Байналхалқии наҷоти Арал, ки роҳбари таҳиякунандаи коммуникатсияи милли 1 ум ва 2 ум-и UNFCCC буд ва дар таҳияи модулҳо низ кӯмак расонда буд, гузаронда шуд.

Маводи курсҳо пас аз даровардан ба ҳисоботи арзёбии марҳилавӣ хеле дигаргун карда шуд.

Он соддатар гардонда шуд ва бо истифодаи расму тарҳҳо ва суратҳо хеле ҷолибтар гардонда шуд. Модулҳо ҳамчун пояи бунёдгузори судманд барои таҳияи барномаи таълимӣ оиди таъғирёбии иқлим барои бахшҳои гуногуни ҷомеа истифода бурда хоҳанд шуд.

Ҷадвали 14 таҷрибаҳои асосии андӯхта ва баъзе андешаҳо барои банаӟаргири дар Марҳилаи 2 –ро дар бар мегирад.

Таъсиротҳои бештари таъғирёбии иқлим, ки аз ҷониби иштирокчиён муайян карда шуданд, обхези ва хушксоли мебошанд. Иштирокчиён ин таъсиротро бо проблемахои зерин: кам шудани истеҳсоли маҳсулот ё норасоии ғизо, аз ҳад зиёд баланд шудани нархҳои бозор, муҳоҷирати зиёди қувваҳои кори, таҳдид ба саломатии инсон (махсусан бемориҳо аз об), суст шудани рушди иқтисод, (масъалан истеҳсолоти кувваи об) ва умуман зиёд шудани сатҳи камбизоати алоқаманди бахшиданд.

*Ҷадвали 14: Таҷрибаҳои андӯхта ва андешаҳо оиди модулҳои Таъғирёбии Иқлим*

| No | Ҷанба |
|---|---|
| 1 | Маводи омӯзишии курсро метавон бо дигар маводҳои мавҷуди курсҳо, яъне маводҳои модули таъғирёбии иқлими компоненти А5 ва варақахои ахборотии аз ҷониби Маркази Экологии Ҷавонон таҳиягардида якҷо намуд. |
| 2 | Нобаробар будани қобилияти иштирокчиён маънои онро дорад, ки модулҳо бояд соддатар карда шаванд (масъалан модул оиди ҳассосият). |
| 3 | Устодони семинарҳо қайд карданд, ки бахшҳои кори гуруҳи хеле кӯтоҳ буданд ва шояд осонтар ва натиҷабахштар мебуд, агар гуруҳҳо мавзӯҳои махсусро (вобаста ба таҷриба ва ихтисосашон, масъалан хоҷагии қишлоқ) мавриди таваҷҷуҳ қарор медоданд. |
| 4 | Устодони семинар қайд намуданд, ки омӯзиш бояд дар давоми ду руз гузаронида шавад; дар рузи аввал дониши умуми оиди масъала дода шавад ва дар рузи дуввум мусоҳибахо оиди стратегияҳо ва усулҳои мутобиксозии иқлим баргузор карда шаванд. |
| 5 | Истилоҳот ва тавзеҳот оиди Таъғирёбии Иқлим (аз қабили таъғирёбии иқлим, дигаргуншавии иқлим, таъсироти иқлим ва г.) бояд ба як шакл дароварда шаванд. Дар модули омӯзиш тавзеҳоти БТИ ба кор бурда шуданд. |
| 6 | Маълум буд, ки баъзе тренерон маънои баъзе истилоҳотро хуб дарк намекарданд ва як истилоҳро бо дигаре аралаш мекарданд. Муҳим аст, ки иқтидор ва дониши устодони семинар бояд пеш аз гузарондани омӯзиш санҷида шавад. |
| 7 | Дар минтақаҳо таваҷҷух ба омӯзиш зиёд буд ва талаб гардид, ки омӯзиш такроран гузаронда шавад. Аз ин рӯ шояд имконпазир бошад, ки омӯзишҳои дарозмуддати ОУ-ро бо маводи тақсимоти таҳия намуда, шабақаи устодон оиди таъғирёбии иқлимро барои минтақахо ташкил дод. |
| 8 | Оиди ландшафти байналхалқии таъғирёбии иқлим (яъне Рио20, протоколҳои Кёто, ФБТИ, БМ дар Дурбан) ва сабаби қисмати ин раванд будани Тоҷикистон маълумоти хеле кам дода шуд. Иштирокчиён хоҳиш намуданд, ки барои мусоҳиба оиди ин ҷанба вакт ва маълумоти бештар дода шавад. |
| 9 | Дар Тоҷикистон аллакай мисолҳои зиёде оиди стратегияҳои мутобиқсозии таъғирёбии иқлим мавҷуданд, ки аз ҷониби ҷамоатҳо ва давлат амали гардонда шуданд. Ин мисолҳоро метавон ба модулҳои мутобиксозии таъғирёбии иқлим илова намуд. |
| 10 | Бахш оиди эҳтиёҷоти таъсироти таъғирёбии иқлим бояд бо натиҷаҳои компоненти А2 оиди Намунасозии иқлим алоқаманд карда шаванд. |
| 11 | Муҳим аст, ки самараҳо ва натиҷаҳои курсҳои оянда арзёби карда шаванд. Пешниҳод карда шудааст, ки пас аз ба охир расидани омӯзиш ҷаласаи баъди гузаронда шавад ва дар он арзёбӣ карда шавад, ки читавр дониши аз омӯзиш гирифта дар амал татбиқ ва истифода гардад. |
| 12 | Чаҳорчӯб барои санҷиши механизми баланд гардидани дараҷаи маълумотноки дар натиҷаи семинарҳои гузаронидашуда ба роҳ монда шудааст, ки мувофиқи он иштирокчиён водор карда мешаванд, то донишҳои аз омӯзиш гирифтаашонро ба кор баранд. Масъалан аз иштирокчиёни омӯзиш аз идораҳои ҳукумат хоҳиш карда мешавад, ки брошюра ва ҳуҷҷатро таҳия кунанд ва дар он рӯйхати маълумоти асосиро ворид намуда онро дар дохили шӯъбаашон тақсим намоянд. |
| 13 | Дар натиҷаи мусоҳиба бо журналистон маълум гардид, ки мусобиқа (масъалан нашри мақола) яке аз механизмҳои самараноки водоркунандаи фаъолият ва таваҷҷухи минбаъда мебошад. |
| 14 | Иштирокчиёни омӯзишхо зарурати ворид намудани масъалаи мутобиксозии таъғироти иқлимро дар стратегияҳои рушди милли, аз қабили Стратегияи Паст Намудани Сатҳи Камбизоатӣ (СПСК -4) ва дар сатҳи ҷамоат дар нақшаҳои рушди деҳот иброз намуданд. |
| 15 | Чораи афзалиятноки мутобиқсозии Таъғирёбии Иқлим, ки аз ҷониби иштирокчиён пешниҳод гардид, дастраси ба маълумот оиди пешгӯии обу ҳавосанҷи мебошад. |

| No | Ҷанба |
|---|---|
| 16 | Масъалаи дигари афзалиятнок худамалигардонии барномаҳои доираи хурд барои ҳалли масъалаҳо оиди иқлим тавассути омӯзиш, маълумотдиҳи, бунёдииқтидорва ҷудо намудани маблағи хурд барои пешгирии офатҳои табиӣ ё рушди хоҷагии қишлоқ мебошад. |
| 17 | Пешбиниҳои махсуси иштирокчиён барои Марҳилаи 2:<br>• Гузаронидани омузишҳо ва тартиб додани модулҳою маводи тақсимоти бо забони тоҷики;<br>• Махсусан фаро гирифтани ноҳияҳо ва минтақаҳо ба омӯзишҳо ва дигар фаъолиятҳо ;<br>• Истифодаи воситаҳои ахбори умум барои васеъ намудани доираи фарогирии аҳолӣ;<br>• Омӯзиши якрӯза барои фаро гирифтани ҳамаи мавзуҳои дахлдори ба масъалаи таъғирёбии иқлим алоқаманд кофи нест;<br>• Ба иштирокчиён бояд вазифаҳои амали дода шаванд, то дониши дар омӯзишҳо аз худнамудаашонро дар амал истифода ва татбик намоянд. |
| 18 | Иштирокчиён масъалаҳои саломатии инсон, хоҷагии қишлоқ ва офатҳои табииро ҳамчун масъалаҳои афзалиятнок барои Мутобиқсозии Таъғирёбии Иқлим ҳисоб менамоянд. |
| 19 | Гарчанде иштирокчиён забони русиро фаҳмиданд, лекин барои онҳо ба забони тоҷикӣ иброз намудани ақида басе осонтар буд.* |
| 20 | Иштирокчиёни омӯзишҳо аз ноҳияҳо нусхаҳои презентасия ва маводи тақсимотии омӯзишро ба забони тоҷикӣ талаб намуданд, то ки онҳо низ тавонанд аз рӯи ин маводҳо худашон омӯзишҳо гузаронанд (масъалан чанд занони намоянда хоҳиш намуданд, ки онҳо аз руи маводҳои дастрасгардида презентасиҳоро барои занони ноҳияаашон гузаронанд). |

* Ҳамаи модулҳо ба забони маҳаллӣ тайёр карда мешаванд ва аз тариқи сайтҳои БРСММ ва котиботи БТУИ тақсим карда мешаванд.

# 8. СЕМИНАРҲО ОИДИ УСУЛИ ИШТИРОКИ ЯКҶОЯ

БРСММ шаш силсилаи семинарҳоро дар асоси Усули Иштироки Якҷоя (УИЯ) гузаронд:

- 1 Омӯзиш барои устодон (ОУ) дар сатҳи милли оиди Усули Иштироки Якҷоя оиди Таъгирёбии Иклим
- 4 Семинарҳои сатҳи вилояти оиди таъғирёбии иқлим дар сатҳи вилояти дар 4 минтақаи Тоҷикистон.
- 1 Семинарҳои баланд бардоштани маълумотнокӣ дар сатҳи милли барои сӯҳбат намудан оиди дастовардҳои семинарҳои маҳалли ва масъалаҳои таъғирёбии иқлим дар сатҳи милли.



Расми 6: Устод Муҳҳабатов Холназар дар якҷоягӣ бо устодони маҳҳали дар ОУ

Натиҷаҳо ва дастовардҳои семинар дар ҳисоботи Бунёдиикҭидорва Маълумотнокӣ дар Тоҷикистон гирд оварда шуданд.

Стратегияи рушд барои мутобиқсозии таъғирёбии иқлим ба масъалаи бисёрҷанба табдил ёфта истодааст, ки илмҳои иҷтимои ва табии, таҳиягарони тартиботҳо, мутахассисону ғайр-мутахассисон ва донишҳои анъанавию илмиро бо ҳам алоқаманд менамояд. Мушкилоти зиёде дар тарҳрези ва мутобиқсозии таъғирёбии иқлим дар байни ҳамкорони зиёд мавҷуданд ва онҳо бояд кафолат диҳанд, ки мутобиқатсози на фақат ба таъсироти барномарезишудаи таъғирёбии иқлим ҷавобгӯ бошанд, балки устувории дарозмуддатро дар якҷояги бо дигар чораҳо оиди рушд тарғиб намоянд. Барои ҳал намудани ин мушкилот тадқиқотчиён ва амалкунандагон истифодаи усули УИЯ-ро тавсия медиҳанд; ин усул дар бисёр кишварҳо бомуваффақиятона барои мутобиқсозии таъғирёбии иқлим истифода бурда шуд. Ин усулест, ки шарикон ва ҳамкорони зиёдро ба ҳиссагузори намудан дар донистани оқибатҳои таъғирёбии иқлим ҷалб менамояд ва роҳҳои мутобиқатсозиеро муайян намоянд, ки ҳавфи таъсироти ояндаро кам мекунанд ва устуворию таъғирнопазирии иқлимро дар давоми марҳилаҳои гуногуни вакт зиёд менамоянд.

Ҳадафхои зерин барои корбурди раванди УИЯ истифода бурда шуданд:

- Бунёди қобилияти шарикон ва ҳамкорони асоси оиди масъалаҳои таъғирёбии иқлим, таъсироти онҳо ва мутобиқсозии таъғирёбии иқлим.
- Кафолат додан, ки афзалиятҳои БСУИ бо қобилияти ҷамоатхо баробар ҳастанд.
- Шарикон ва ҳамкорон бояд фаъолиятҳои минбаъдаро барои илова намудан ба фаъолиятҳои БСУИ муайян намоянд, ки он фаъолиятҳо баланд бардоштани қобилиятҳояшонро дар мавриди ҷавоб додан ба таъғирёбии иқлим дар мадди назар қарор диҳанд ва бо дигар масъалаҳои афзалиятнок мувофиқат дошта бошанд.

Дар моҳи Октябри соли 2011 ҷамъ 5 семинар гузаронида шуданд: Як семинари 3 рӯзаи Омӯзиш барои тренерон дар шаҳри Душанбе ва 4 семинари Вилояти дар шахрҳои Хоруғ, Қурғонтеппа, Хуҷанд, Ваҳдат гузаронида шуданд. Ҷамъ 124 нафар дар ин омӯзишҳо иштирок намуданд; 25% занон; 35% намояндагони ҳукумати маҳалли, минтакави ва милли; 22% муаллимон ва академикхо; 11% ТҒД-ҳо; 12% деҳқонон ва соҳибкорони хусуси. Тавсияхо нишон медиҳанд, ки ҳамаи иштирокчиён бар он ақидаанд, ки семинарҳои вилояти хеле бомуваффақият ё бомуваффақият гузаштанд. Семинари Милли дар шаҳри Душанбе дар моҳи Январи соли 2012 бо иштироки 64 нафар ва намояндагони 10 муассисаи давлати гузаронида шуданд.

Хулосаҳо аз семинарҳои вилояти нишон доданд, ки иштирокчиён дарк намудаанд, ки қобилияти мутобиқатсозии иқлим дар маҳаллҳои онҳо дар сатҳи паст қарор дорад ва таҷрибаю захираҳои онхо низ барои мутобиқатсозии дарозмуддат ва устувор маҳдуданд. Масъалан иштирокчиён оиди хушксоли аз ҳама зиёд ташвиш доштанд, зеро ин масъала бевосита ба самаранокии хоҷагии қишлоқ (сарчашмаи асосии сарват барои бештари иштирокчиён) таъсир мерасонад. Қайд гардид, ки шахсони ҳассос метавонанд, дар натиҷаи фалокатхо бештари сарваташонро аз даст диҳанд ва дар натиҷаи таъсироти такрори қобилияти тобоварии онҳо аз даст хоҳад рафт. Ин боиси он мегардад, ки онхо қобилияти аз нав бунёд намудани хоҷагиашонро аз даст медиҳанд. Ҷадвали 15 масъалаҳои асосии тағирёбии иқлим ва маҳдудиятҳои мавҷуда барои амалигардонии чораҳои мутобиқсозии тағйирёбии иқлимро нишон медихад, ки иштирокчиён дар семинарҳои вилоятӣ оиди онҳо баҳс намудаанд.

*Ҷадвали 15: Масъалаҳои таъгирёбии иқлим ва маҳдудиятҳо барои мутобиқсозии таъгирёбии иқлим*

| Масъалаи Таъгирёбии Иқлим барои ҳал намудан | Маҳдудиятҳо дар мутобиқсозии Тағйирёбии Иқлим |
|---|---|
| Норасоии қобилияти мутобиқсозӣ дар мавзеҳоти деҳотӣ | Норасоии захоир |
| Фарсоиши замин ва нестшавии ҷангал | Дараҷаи паст, асбобу таҷҳизоти кӯҳна |
| Захираи Ғизо | Норасоии молиявӣ ва дастрасӣ ба он |
| Солимӣ, сироятшавӣ ва маризӣ | Муҳоҷирати зиёди кувваҳои кори |
| Норасоии Об (нӯшокӣ ва барои обёрӣ) | Норасоии мутахассисон ва тренерон |
| Касалиҳои Тухмӣ ва Ҳайвонот | Вайронӣ ва Коррупсия |
| Офатҳои Табиӣ | |

Барои беҳтар намудани қобилияти мутобиқсозии тағйирёбии иқлим ва кам кардани ҳассосият иштирокчиён якчанд фаъолиятҳоро пешниҳод намуданд: рушди инфраструктура, барномаҳо оиди экосистема, стратегияҳои рушд, устворгардонии муассисаҳо ва дастрас намудани фаъолиятҳои махсуси бунёди қобилият. Бештари ин фаъолиятҳои номбурда бо амалиётҳо ва маблағгузориҳои БСУИ алоқамандии зич доранд. Самараҳои семинарҳои УИЯ дар Ҷадвали 16 метавонанд самаранокии амалиётҳои БСУИ-ро мустаҳкам намоянд.

*Ҷадвали 16: Ақидаҳо ва Тавсияҳо аз семинарҳои УИЯ барои Марҳилаи 2*

| Бунёди Қобилияти Институтсионалӣ, Идоракунӣ ва Стратегияҳои Таъѓрёбии Иқлим |
|---|
| Таҳия намудани стратегияи миллии мутобиқсозии тағйирёбии иқлим, муайян намудани афзалиятҳои асоси барои мутобиқсозии иқлим ва рушди иҳтидорвассути амалигардонии ғайримарказии стратегия .<br>Барномаҳои рушд ва маблағгузориҳо (бевосита ва ба восита) барои кафолат додани устувории тағйирёбии иқлим<br>Тарғиби ҳамкори ва ҳамоҳангсози байни муассисаҳои милли, минтақави ва байналхалқии кор бо Мутобиқсозии Тағйирёбии Иқлим.<br>Кафолат додан, ки муассисаҳои сатҳи минтақави нақши асосиро дар амалигардонии стратегияҳои мутобиқсозии тағйирёбии иқлим (аз қабили омӯзиш, паҳн кардани маълумот ва ғ.) мебозанд.<br>Кафолат додани фаъолиятхои дуҷонибаи мутобиқсози байни бахшҳо, аз қабили хоҷагии қишлоқ, тандурусти, инфраструктура, об ва ғ. |
| **Инфраструктура** |
| Бисёр мушкилоти мавҷуда дар Тоҷикистон (аз қабили захираи оби нушокию оберикуни, захираи энергия, тандурусти) маблағгузории зиёдро дар соҳаи инфраструктура бар замми масъалаҳои дахлдори мутобиқсозии тағйирёбии иқлим талаб менамоянд .<br>Маблағгузории дар БСУИ банақшагирифташуда бо масъалаҳои афзалиятнок оид ба рушд дар мувофиқат ҳастанд, аммо новобаста аз ин он шояд дар доираи васеътар  дар тамоми кишвар талаб карда шавад.<br>Ҳалли эҳтиёҷоти зарурии хоҷагии қишлоқ ва хоҷагидори (яъне дастрасӣ тухмӣ, инфраструктураи обёрикуни, энергия ва г.)<br>Беҳтар кардани дастраси ба обӣ нушоки ва обёрикунӣ тавассути навкунии корхонаҳои қувваи обию барқи, таъмири обанборҳои мавҷуда, ва сохтмони корхонаҳои хурди барқтаъминкунанда.<br>Беҳтар кардани инфраструктура барои кам кардани ҳассосият ба таъсироти зиёди иқлим, масъалан. Сохтмон ё таъмири низоми муҳофизаткуни аз обхези, амалигардони ва таъмини тартибот дар ҳолатхои фавқуллода |

| Чораҳо дар асоси Экосистема |
|---|
| Бунёди ҷангалзорҳо бо истифода аз навъҳои дарахтони тобовар ба тағйирёбии иқлим барои нигаҳдории намӣ хок ва мустаҳкам намудани соҳилҳои дарёҳо.<br>Хочагии чангал барои бехтар кардани самараноки ва хосилхезии замин барои манфиати шахси ва савдо.<br>Беҳтар кардани таҷрибаҳои идоракунии чарогоҳҳо барои пешгирии минбаъдаи харобшавии замин.<br>Беҳтар кардани идоракунии ҷангал бо дарназардошти бархурд байни мардум ва ҷангалҳо. |
| **Бунёди Иқтидор ва Рушд** |
| Бунёди иқтидори мутахассисон ва тайёркунндагони тартиботҳо, ки дар бахшҳои мониторинг, обуҳавосанҷӣ, хоҷагииқишлоқ, об ва ғайра., кор мекунанд барои баланд бардоштани сатҳи дониши онҳо оиди тағйирёбии иқлим ва мутобиқсозии тағйирёбии иқлим.<br>Додани маълумот ва омӯзишҳои амали ба гурӯҳҳои махсуси ҳамкорон (фермерон, занон) оиди мутобиқсозии тағйирёбии иқлим.<br>Бунёди иқтидор ва таъмини мавод барои муаллимони маҳалли ва тренерон оиди мутобиқ созии тағйирёбии иқлим.<br>Тақсими мавод оиди мутобиқсозии тағйирёбии иқлим ба забони маҳалли ба шахсоне, ки худашон иқтидорашонро такмил медиҳанд.<br>Истифодаи технологияи ахбороти (яъне телефонҳои мобили, интернет) барои паҳн кардани маълумот (оиди пешгӯӣ, офатҳо ва интиқол кардан). |
| **Беҳтар кардани иқтидори тобоварии гуруҳҳои ҳассос** |
| Гузарондани арзёбии минбаъда барои муайян намудани чораҳои мутобиқсозии тағйирёбии иқлим, махсусан барои гуруҳҳои ҳассос.<br>Таҳияи нақшаи интиқол ва ҳолатхои фавкуллода дар мавзеҳои ҳассос.<br>Кафолат додан, ки гуруҳҳои ҳассос ба машваратҳои умуми ва фаъолиятҳои бунёдииқтидорҷалб карда мешаванд.<br>Дастгири намудан барои такмили маҳоратҳои зарури ва шабақаҳою хизматрасониҳои бехатари дар ҳолатҳои фавкуллода. |
| **Чораҳо барои мутобиқатсози ва бунёди иқтидор дар оянда** |
| Арзёбии давомдори таъсироти таъгирёбии иқлим ба ҷанбаҳои асосии хоҷагидори (масъалан об, хоҷагии қишлок, энергия ва саломати)<br>Идома додани санҷиши ахборот оиди ҳассосият ва ворид намудани он ба раванди банақшагирӣ<br>Таҳияи силсилаи асосии афзалиятҳои мутобиқатсози ва фаъолона амалигардонии онҳо дар давоми зиёда аз 10-20 сол |

Дар ин ҷо дастовардҳои аниқ дода шудаанд, ки бояд ба нақшаи Марҳилаи 2 дохил карда шаванд; аммо дар хотир доштан зарур аст, ки ин андозаи намунаи хеле маҳдуд аст ва тадқиқотҳою маълумотҳои дигар бояд барои дастгири ва мустахкамгардонии дастовардхои мазкур истифода бурда шаванд.

Усули УИЯ методологияеро пешниҳод мекунад, ки дар он бахшҳои гуногун. Маҳаллҳо, сохторҳои давлати метавонанд дар таҳияи нақшаи амалиёти милли, стратегияҳои тағйирёбии иқлим ва дигар равандҳои банақшагири оиди мутобиқсозии тағйирёбии иқлим иштирок намоянд, аммо имкониятҳои дар ин раванд пешомада бояд дар алокаманди бо силсилаи ахбороти сохави ва миқдори истифода бурда шавад. Ҳисобот силсилаи мулоҳизаҳо оиди тарзи беҳтар кардани семинарҳои УИЯ дар Марҳилаи 2-ро дар бар мегирад.

- Мавриди таваҷҷуҳ қарор додани омӯзишҳои алоҳида барои занон бо мақсади кафолат додани иштироки онҳо;
- Гуногунсозии омӯзишҳо; имконият додан ба иштирокчиён то мавзуҳои тағйирёбии иқлимро худашон интихоб намоянд ва онҳоро аз нуқтаҳои назари гуногун дида бароянд;
- Ҷалби бештари таҳиягарони тартиботхо барои гирифтани тавсияҳои устувори бештар;
- Ҷалби бештари муаллимон барои алоқаманди бахшидани натиҷахои БСУИ бо раванди таълим;
- Тақсими варақчахо ва маводҳои тақсимотии омӯзиш;
- Гузарондани омӯзишҳои зиёдтар дар ҳар як вилоят;
- Ҷалб намудани мутахассисони бештар , ки оиди вилоят маълумот доранд;
- Нишон додани намунаҳои мутобиқсозии тағйирёбии иқлим дар дигар кишварҳо;
- Дар сатҳи вилоят ва махал забони милли тоҷикиро истифода бурдан зарур аст.

Мулоҳизаҳо аз семинари милли аз ҷониби Котиботи БТУИ нашр гардид. (Ниг. чорчубаи 4).

**Чорчубаи 4: Маълумоти мухтассар оиди Семинари Милли, ки аз ҷ ониби Котиботи БТУИ омода карда шудааст.**

- Вазорати Обёри ва Захираҳои Обӣ, (Яраш Пулатов). Компонентҳои БТУИ бояд барои дастгири намудани муассисаҳои милли, ки аз болои масъалаи таъғирёбии иқлим кор мекунанд, равона карда шаванд. Маоши пасти кормандони ин муассисаҳо ба ҳама маълум аст, аз ин ру дар раванди амалигардонии Марҳилаи 2 ба кормандони ин муассисахо имконият додан зарур аст, ки ба ҳайси мушовир ба кор қабул карда шаванд.
- Кумитаи Ҳифзи Муҳит (Анвар Ҳомидов): Кумитаи Ҳифзи Муҳит ва Маъмурияти Давлати оиди Обу Ҳавосанҷи бояд аз муассисаҳои амалигардонии миллӣ оиди Компоненти Бунёди Иқтидори Марҳилаи 2 бошанд, чунки онхо таҷрибаи хуб дар омӯзиши таъғирёбии иқлим, гузаронидани омӯзишҳо ва семинорҳо барои муассисаҳои давлатию ТҒД-ҳо доранд. Чун ин ду муассиса муассисаҳои фаъоли миллӣ оиди кор бо масъалаҳои дахлдори иқлим мебошанд, мо боварӣ дорем, ки онҳо метавонанд, устувории барномаҳои БТУИ-ро ҳатто баъд аз анҷомёбии барнома кафолат диҳанд.
- Академияи Улуми Ҷумхурии Тоҷикистон, (Саидов Иброҳим): Дар рафти амалигардонии Компонентҳои А1 ва А3-и Марҳилаи 2 ба назар гирифтани Нақшаи Амалиёти Милли оиди паст кардани таъғирёбии иқлим ва қонунгузорихои мавҷудаи ҶТ оиди таъғирёбии иқлимро дар мадди назар қарор додан зарур аст.
- Маъмурияти Давлати оиди Обу Ҳавосанҷи (Абдуалимов Каримҷон): Маъмурияти Давлати оиди Обу Ҳавосанҷи таҷрибаи хуб дар таҳия намудани Нақшаи Амалиёти Милли, Коммуникатсияи 1 ва 2 -и Милли оиди таъғирёбии иқлим бо ФБТИ дорад ва дар айни замон ба тайёр намудани Коммуникатсияи Миллии 3-юм машғул аст. Тавсия дода шуд, ки онхо Нақшаи Мутобиқсозии Милли, стратегияи паст кардани таъғирёбии иқлим ва назарияи иқлимро омода намоянд.
- Маркази Экологии Ҷавонон, (Юрий Скачилов): Ташкил додани Фонди Хурди Ройгон барои амалигардонии барномаҳои мутобиқсози дар сатҳи минтақавӣ.
- Воситаҳои Ахбори Омма, (Сурайё, Шуҷоат): Гузарондани омузишҳои махсуси шиносои оиди таъғирёбии иқлим дар Марҳилаи 2 барои муассисаҳои давлати, ТҒД-ҳо ва Воситаҳои Ахбороти Омма.
- Кумитаи Ҳифзи Муҳит, (Анвар Ҳомидов): Ба назар гирифтани нақши ояндаи Котиботи БТУИ ҳамчун органи ҳамохангсоз муҳим аст. Мо имконияти устуворгардонии иқтидори Котиботро пешниҳод мекунем, то дар оянда ин қобилият ҳамчун органи давлати барои амалигардонии барномаҳо оиди иқлим истифода бурда шавад.

*Дастури (Роҳнамо) №1: Ҳалли Мушкилоти Амалигардонӣ*




Котиботи БТУИ
Идораи Ҷонишини Сарвазир
Муассисаҳои Даxлдор ва Шӯъбаҳо
Ташкилотҳои ғайридавлатӣ
Дигар Амалкунандагон
*Анҷоми Соли 1-ум:* Нашр намудани лоиҳаи Ҳисоботи Солона оиди Таъғирёбии Иқлим бо иловаи маълумот оиди хароҷоти ҷомеа (ба қадри имкон). Дар ҳисобот ҳамчунин тавсияҳо оиди нишон додани афзалиятнокии барномаҳо оиди Таъғирёбии Иқлим ва хароҷотҳои соли оянда низ дода мешаванд; лоиҳа барои муассисаҳои нуқтаи марказии кор бо масъалаи Таъғирёбии Иқлим барои мулоҳиза тақсим карда мешаванд.
Аз назар гузарондани тавсияҳо ва мулоҳизаҳо оиди тавсияҳои додашуда.
Тасдиқи буҷа ва хароҷоти воқеӣ (Вазорати Молия)
Аз назар гузарондани тавсияҳо ва мулоҳизаҳо оиди тавсияҳои додашуда (аз тариқи машваратҳо бо ТҒД-ҳо ва тақсимкунӣ аз тариқи CCKN)
Маблағгузорон: Аз назар гузарондани тавсияҳо ва мулоҳизаҳо оиди тавсияҳои додашуда
Хазинаи Сармоягузории Иқлим (ХСИ): Тақсим намудани ҳисобот ва намуна ба дигар кишварҳои доираи Барномаи Таҷрибавӣ оиди Устувории Иқлим
Дастоварди 1: Нашри Ҳисоботи Солона оиди Таъғирёбии Иқлим бо иловаи маълумот оиди хароҷоти ҷомеа (ба қадри имкон); Ворид намудани ҳисоботҳои нашргардида ба Нақшаи Воситаҳои Ахбороти Умуми Барнома (ниг. Дастури 4)
Тасдиқ намудани ҳисобот ва қабул намудани тавсияҳо оиди он дар раванди буҷабандӣ.
Гузарондани тафтишоти алоҳидаи маълумоти буҷа.
Барои Соли 2-ввум::
Санҷиши шакл ва раванди ҷамъоварии маълумот мувофиқи зарурат ва таҳияи Ҳисоботи Солонаи дуввум оиди Таъцирёбии Ищлим
Идома додани қабули тавсияҳо ва кор бо муассисаҳои даxлдор барои ба равиши муайян даровардани барномаҳову буҷабандии фаъолиятҳои даxлдори Таъғирёбии Иқлим.
Аз назар гузарондани тавсияҳо ва мулоҳизаҳо оиди тавсияҳои додашуда (ҳамаи нуқтаҳои марказии кор бо масъалаи Таъғирёбии Иқлим)
Идома додани санҷиши амалигардонии барнома, буҷабандӣ ва муайян намудани афзалиятнокӣ
ХСИ: Идомаи паҳнкунии таҷрибаҳои андӯхта
Маблағгузорон: Ба назар гирифтани афзалиятҳои миллӣ дар мавриди тарҳрезии

| PPCR Secretariat | Office of the Deputy Prime Minister | Line and Branch Agencies | NGOs | Other Actors |
|---|---|---|---|---|
| Барои солыҳои 3-5-ум: | | | | барномаҳои дастгирии рушд. |
| Такрори давр ва ислоҳ намудан мувофиқи зарурат аз рӯи натиҷаҳои тафтишоти солона. | | | | |
| Дастовардҳои 2-5-ум: Ҳисоботҳои Солона бо маълумоту таҳлилоти барнома ва буҷа | | | | |
| Мақсад: Мавҷудияти барномаҳо ва хароҷотҳои мукаммал оиди тағйирёбии иқлим ва мутобиқсозии тағйирёбии иқлим дар муассисаҳо боиси дастрас гардидани маълумоти аниқ ва ба ҳангом даровардашуда барои қарор қабулкунии дуруст ва мувофиқат байни афзалиятҳои тартиботу буҷавандӣ барои мутобиқсозии тағйирёбии иқлим. | | | | |

*Дастури (Роҳнамо) № 2: Нақшаи Амалиёти Маҳаллӣ оиди Мутобиқсозии Тағйирёбии Иқлим*



*Дастур (Роҳнамо) № 3: Ворид намудани масъалаи Мутобиқсозии Иқлим ба Тартиботҳои Миллӣ ва Қонунгузорӣ*




Котиботи БТУИ
Идораи Ҷонишини Сарвазир
Муассисаҳои Дахлдор ва Шӯъбаҳо
Ташкилотҳои ғайридавлатӣ
Дигар Амалкунандагон
Стратегияи Рушди Миллӣ ва Стратегияи Паст Кардани Сатҳи Камбизоатӣ аз ҷониби Президент ба имзо расиданд.
Ташкилотҳои ғайриқонунӣ: Назорат ва изҳори назар оиди амалигардонӣ
Дастоварди 2: Масъалаи Мутобиқсозии Тағйирёбии Иқлим ба Стратегияи Рушди Миллӣ ворид карда шуд.
Мониторинг ва ҳисоботдиҳӣ оиди ҷанбаҳои амалигардонии масъалаи Мутобиқсозии Тағйирёбии Иқлим дар асоси Стратегияи Паст Кардани Сатҳи Камбизоатӣ ва Стратегияи Рушди Миллӣ тавассути Ҳисоботи Солона оиди Тағйирёбии Иқлим (ва ҳамзамон гузарондани тафтишоти берунӣ)
Таҳия ва тақсими тавсияҳо оиди ворид намудани масъалаи мутобиқсозии иқлим ба нақшаҳои рушди ноҳия ва ҷамоат.
Барои Қонунгузории Бахшӣ
Кор бо вазоратҳои бахшҳо (ва ҷомеаи шаҳрвандӣ) дар таъмини изҳорот ва усулҳои пешниҳодгардида барои мутобиқсозии иқлим дар мавриди ба ҳангом даровардани қонунгузорӣ ва тартиботи асосии бахшӣ (дар ҳамкорӣ бо мутахассисони сатҳи миллӣ ва байналхалқи), ҳамчунин қонунгузорие, ки ваколатҳои муассисаҳоро фаро мегирад.
Таҳияи дастур барои муассисаҳои дахлдор барои ворид намудани масъалаи тағйирёбии иқлим ба қонунгузории бахшҳо.
Таҳияи қонунгузорӣ ва тартиботи муккамал кардашуда (бо кӯмаки Котиботи Барномаи Таҷрибавӣ оиди Устувории Иқлим)дар бахшҳои гуногун бо забони таҷрибаи беҳтарин оиди мутобиқсозии тағйирёбии иқлим.
Ҳиссагузорӣ ва тафсилот оиди лоиҳаи тартибот ва қонунгузорӣ.
Пешниҳод намудани қонунгузорӣ ва тартибот ба Парлумон барои муҳокима кардан.
Аз назар гузарондан, ислоҳ намудан ва муайян намудани тартиботҳо ва қонунгузорӣ.
Дастоварди 3: Масъалаи мутобиқсозии иқлим ба қонунгузории асосии бахшҳо ворид карда шуд.
Мақсад: Масъалаи мутобиқсозии иқлим ба стратегияҳо ва қонунҳои миллӣ ворид карда шуд; муассисаҳо дар бахшҳои иқлим ваколати кор кардан бо масъалаҳои мутобиқсозии тағйирёбии иқлим доранд.

*Дастур (Роҳнамо)№4: Барномаи Миллӣ барои Баланд Бардоштани Маълумотнокӣ оиди Таъғирёбии Иқлим*

### Котиботи БТУИ

Асос: Ягон кӯшиши пурра барои баланд бардоштани маълумотнокӣ оиди таъғирёбии иқлим ба харҷ дода нашудааст, ки маълумоти асосиро дар бар дошта бошад ва аз накшаи воситаҳои ахбори умум истифода бурда нашудааст.

*Дар огози барнома:*

*Тахия намудани ҳадафҳои баланд бардоштани маълумотнокӣ ва ахбороти асосӣ
*Таҳияи нақшаи воситаҳои ахбори омма, ки бо бучаи барнома дар мувофиқат бошад ва бо дигар кӯшишҳои мавчудаи ҳукумату маблағгузорон (аз қабили дастгирии Суюм Ахбороти Милли барои баланд бардоштани маълумотнокӣ ва фарогирӣ), ки аз ҷониби ХГЭ маблағгузорӣ карда шудааст.

Дастоварди № 2: Нақшаи воситаҳои ахбори омма барои баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ оиди масъалаҳои иқлим омода аст.

*Тартиб додани нишондиҳандаҳо ки имкон медиҳанд, то сатҳи маълумотнокӣ оиди масъалаҳои иқлим дар сатҳи зермиллӣ ва аз рӯи гендер санҷида ва назорат карда шаванд.

Мақсад: Маълумотнокии мардум оиди масъалаҳои таъғирёбии иқлим, мутобиқсозии таъғирёбии иқлим ва чораҳои мутобиқсозӣ баланд бардошта шудааст. Фарогирии воситаҳои ахбори омма зиёд гардидааст ва мавриди таваҷҷӯх қарор додани маълумоти асосӣ дар рафти чорабиниҳо тартиб дода шуд.

### Муассисаҳои Давлатӣ

Девони Сарвазир: Аз нав ҷамъ кардани Гурӯҳи Корӣ оиди Омӯзиши Муҳит барои ҳиссаигузорӣ намудан дар таҳияи маълумоту стратегияҳои асосӣ ва алоқаманд намудани масъалаи малумотнокӣ оиди таъғирёбии иқлим ва мутобиқсозии таъғирёбии иқлим бо барномаҳои мавҷуда оиди кам кардани хавфи муҳит ва фалокатҳо.

Дастоварди №1: Маълумотҳои асосӣ таҳия ва тасдиқ гардиданд.

### Мактабҳои Маҳаллӣ / Воситаҳои Ахбори Умум / Ҷомеаи Шаҳрвандӣ

Гузаронидани омӯзишҳо ва чорабиниҳои баланд бардоштани маълумотнокӣ дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ.

Истифодаи мактабҳо ҳамчун нуқтаҳои марказӣ барои дастрасгардонии маълумот дар сатҳи маҳал.

Истифодаи радио ва телевизион ҳамчун воситаҳои коммуникатсинӣ барои ахбороти омма.

Истифодаи дигар омӯзишҳои сатҳи маҳаллӣ ҳамчун воситаи дастрасгардонии маълумот оиди масъалаи мутобиқшавӣ ба таъғирёбии иқлим.

*Дастури (Роҳнамо) №5: Ташаббус барои Такмили Маълумоти Миёна ва Баъдимиёна оиди Масъалаҳои Дахлдори Иқлим*



| Котиботи БТУИ | Кумитаи Ҳифзи Муҳит Обу Ҳавосанҷӣ | Вазорати Маориф Донишгоҳҳо | Ташкилотҳои Ғайридавлатӣ | Дигар Амалкунан-дагон |
| --- | --- | --- | --- | --- |
| | | Дастоварди №2: Шинос намудани ихтисоси таъғирёбии иқлим дар як донишгоҳ; шинос намудани модулҳои таъғирёбии иқлим дар ҳамаи донишгоҳҳо. | | |
| *Дар охири Соли 3-юм:*<br>Омода намудани лоиҳаи стратегияи дарозмуддат барои кафолат додани омӯзиши пас аз хатми донишгоҳи мутахассисони иқлимшинос. | Саҳмгузорӣ дар таҳияи стратегияи дарозмуддат тавассути шарҳ додани эҳтиёҷоти миёна ва дарозмуддат ба қувваи корӣ (дар алоқамандӣ бо компоненти  А2-и Марҳилаи II). | | Саҳмгузорӣ дар таҳияи стратегияи дарозмуддат. | Маблағгузорон: Ҷудо намудани маблағ барои эҳтиёҷоти афзалиятнок барои омӯзиши пас аз хатми донишгоҳ ва такмили ихтисос. |
| Дастоварди №3: Стратегияи дарозмуддат тасдиқ гардид. | | | | |
| Тақсим намудани стратегияи дарозмуддат ба маблағгузорон ва ворид намудани дастовардҳои он ба фаъолиятҳои Нақшаи Амалиёти Миллӣ оиди Мутобиқсозии Иқлим. | | | | |
| Мақсад: Донишҷӯёни маълумоти миёна ва баъди миёна дониши умумиро оиди таъғирёбии иқлим ва мутобиқсозии таъғирёбии иқлим мегиранд. Донишҷӯёни баъди хатми маълумоти миёна имкон доранд, ки ба омӯзиши иқлим ва иқлимшиносӣ машғул шаванд. Тоҷикистон барои насли оянда стратегияи таъмини омӯзиши иқлим пас аз хатми донишгоҳ барои мутахассисон ва тадқитчиёни ин соҳа фароҳам овардааст. | | | | |

*Дастури (Роҳнамо) № 6: Барномаи Бунёди Иқтидор барои Мутобиқшавӣ ба Тағйирёбии Иқлим*




* Институтҳои Омӯзишӣ аз қабили Институти пас аз хатми донишгоҳи барои Маълумоти Давомнок (Институти Омӯзишии Кормандони Давлатӣ), Маркази Омӯзишии Донишгоҳи Техникии Тоҷик, ТҒД Имтиёҳои Омӯзиш ва дигар шароитҳои омӯзишии муассисаҳои давлатӣ.

| Котиботи БТУИ | Бонки Рушди Осиё | Институтҳои Омӯзишӣ * | Маблағгузорон | Дигар Амалкунандагон |
|---|---|---|---|---|
| Дастоварди 2: Чорабиниҳои Бунёди Иқтидор амалӣ гардиданд.<br><br>*Фаъолиятҳои мавҷуда:*<br><br>Дар робита бо нуқтаҳои маркази кор дар масъалаи Тағирёбии Иқлими муассисаҳо.<br>↓<br>Мониторинг<br><br>Мақсад: Иқтидор барои донистани масъалаҳои мутобиқшавӣ ва тарҳрезӣ, амалигардонӣ ва назорати барномаҳои мутобиқсозӣ дар сатҳи маҳаллӣ хуб аст; маълумотнокии умумӣ оиди масъалаҳои тағирёбии иқлим ва Мутобиқшавӣ ба Тағирёбии Иқлим дар тамоми ноҳияҳо ба назар мерасад. Муассисаҳои давлатӣ дар бахшҳои иқлим нишон медиҳанд, ки онҳо қобилияти корбурди дониш оиди мутобиқшавӣ ба тағирёбии иқлим дар кори онҳо мавҷуд аст. Аъзоёни ҷомеа маҳорати мутобиқшавӣ доштанашонро нишон доданд ва чораҳои мувофиқи мутобиқшавии маҳаллӣ санҷида ва такроран дар ҳар чор минтақаи кишвар амалӣ гардонда шуданд. | | | | |